*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №16-17 (2843-2844) | ҶУМЪА, 10 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



Суратгир А. ИСОЕВ

## Мулоқоти Маҳмадсаид Убайдуллоев бо Сафири Ҷумҳурии Халқии Хитой

**8 феврали соли равон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Маҳмадсаид Убайдуллоев Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Халқии Хитой ҷаноби Фан Санжунро бо хоҳиши ӯ ба ҳузур пазируфт.**

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ифтитоҳи сӯҳбат мавқеъ ва нақши Ҷумҳурии Халқии Хитойро ҳамчун кишвари ҳамсояи боэътимод, кафолатгари сулҳу субот дар минтақа арзёбӣ намуда, муносибатҳои дуҷонибаи миёни Тоҷикистону Хитойро дорои хислатҳои дӯстӣ, ҳамкорию ҳамшарикии гуногунпаҳлу номид ва омодагии ҷониби хешро ҷиҳати таҳкиму густариши ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ таъкид сохт.

Доир ба истифодаи пурраи захира ва имкониятҳои иқтисодии ҷойдошта сухан ронда, Маҳмадсаид Убайдуллоев ташкили бозомӯзии кадрҳо ва ҷудо намудани квотаҳои бештарро барои таҳсили донишҷӯёни тоҷик дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Халқии Хитой мувофиқи мақсад шумурд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки ҳамкориҳои гуногунҷабҳа бо Ҷумҳурии Халқии Хитой - кишваре, ки дар ҷаҳони муосир бо иқтисодиёти мӯъҷизаосои худ дар як давраи на чандон тӯлонӣ ба мавқеи пешсаф баромадааст, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатамон мебошад.

Дар навбати худ ҷаноби Фан Санжун зикр намуд, ки ҳамкориҳои дӯстонаву бисёрҷонибаи халқҳоямон, ки аз умқи қарнҳо сарчашма мегиранд, бояд ҳамаҷониба тақвияти тоза касб намоянд ва барои ин ҳама имкониятҳо вуҷуд доранд, алалхусус иқтидори бузурги иқтисодии Хитой дар ин ҷода мусоидати самаранок карда метавонад.

Ҳар ду ҷониб ҳавасмандии хешро барои иштироки фаъолонаи якҷоя дар татбиқи лоиҳаҳои энергетикӣ, саноатӣ, наклиёту коммуникатсионӣ, аз қабили сохтмони маркази барқу гармиистеҳсолкунӣ, роҳу нақбҳои автомобилгард, ҳамкорӣ дар бахши кишоварзӣ изҳор доштанд.

Ҳамчунин оид ба роҳҳои мусоидат ба эҳёи иқтисодиёти Афғонистон, барқарорсозии ҳаёти осоишта дар он, сулҳу субот дар минтақа, мубориза алайҳи терроризму сепаратизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир табодули назар карда шуд. Таъкид гардид, ки бо дарназардошти аҳамияти хоса доштани қазияи Афғонистон, барои ба эътидол овардани вазъи сиёсии минтақа ва ҷаҳон, моҳи марти соли равон дар Тоҷикистон баргузории Конференсияи байналмилалӣ оид ба Афғонистон ба нақша гирифта шудааст.

Мулоқот дар фазои ҳусни тафоҳум анҷом пазируфт.

***Х. ҚУРБОНОВ***

## Ҳамкориҳои дуҷониба густариш меёбанд

**Ҳафтуми феврали соли 2012 Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов бо ҳайати намояндагони Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Газпром»-и Федератсияи Россия бо сарварии аъзои Шӯрои ҷамъият Всеволод Черепанов ва директори идоракунандаи «Газпром интернационал» Валерий Гулев мулоқот кард.**

Дар вохӯрӣ масъалаҳои марбут ба чараёни корҳо ва рафти татбиқи лоиҳаи муштараки Тоҷикистон ва ҶСК «Газпром»-и Федератсияи Россия мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Оқил Оқилов аз ҳайати намояндагии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Газпром»-и Федератсияи Россия даъват ба амал овард, ки ҷараёни корҳои пармакуниро дар майдони ояндадори нафту гази «Сариқамиш» вусъат бахшида, ҳар чӣ зудтар ба анҷом додани корҳои геологию ҷустуҷӯйӣ дар майдони ояндадори нафту гази Шоҳамбарии ғарбӣ шурӯъ намоянд.

Ҳайати намояндагони ҶСК «Газпром»-и Федератсияи Россия изҳор доштанд, ки барои иҷрои таклифу пешниҳодоти аз ҷониби Тоҷикистон бамиёнгузошташуда тадбирҳои зарурӣ андешида, дар оянда доираи ҳамкориҳои дуҷонибаро бо Тоҷикистон густариш хоҳанд бахшид.

***АМИТ «Ховар»***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Масъалаҳои иқтисодӣ баррасӣ шуданд

**Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сафаралӣ Раҷабов 8 – уми феврали соли 2012 намояндагони Бонки Умумиҷаҳонӣ Маҷид Албайъа, Лиза Миллер ва Дилшод Каримовро ба ҳузур пазируфт.**

Зимни сӯҳбати судманду самимӣ Сафаралӣ Раҷабов ба намояндагони Бонки Умумиҷаҳонӣ миннатдории роҳбарияти Маҷлиси намояндагонро барои ҳамкории самарабахш иброз намуда, афзуд, ки хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ бо мақсади самаранок ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷети давлатӣ нақши муҳим мебозад.

Сафаралӣ Раҷабов таъкид дошт, ки бо мақсади ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқат намудани низоми хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, фароҳам овардани шароити мусоид, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои довталабон ва инчунин бахри пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ бо иштирок ва кӯмаки бевоситаи Бонки Умумиҷаҳонӣ моҳи марти соли 2006 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ташкил шудааст, ки мақоми ваколатдори соҳа ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» тайи солҳои 2007-2008 маҷмӯи санадҳои зерқонунӣ, аз ҷумла низомнома дар бораи расмиёти хариди давлатӣ, ҳуҷҷатҳои стандартии тендерӣ, дастурамал оид ба интихоби пешакии тахассусӣ, намунаҳои ҳисобот ва шартномаҳо, ки расмиёти харидро пурра ва мушаххас ба танзим медароранд, аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардидаанд.

Мавсуф тазаккур дод, ки бо мақсади иҷрои шартҳои дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, инчунин такмили низоми хариди давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давалтии мол, кор ва хизматрасонӣ» ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардид, ки дар иҷлосияи навбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, қабул шуд.

- Ҳамчунин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни ғайримарказонидани хариди давлатиро оғоз намудааст ва айни ҳол дар ҷумҳурӣ 19 вазорату идора хариди молро мустақилона анҷом медиҳанд, - афзуд Сафаралӣ Раҷабов.

Намояндагони Бонки Умумиҷаҳонӣ низ аз иқдомоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина аз роҳбарияти Давлату Ҳукумати кишвар ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди хариди мол, кор ва хизматрасонӣ дар мамлакат ва талош барои иҷрои шартҳои дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ибрози қаноатмандӣ намуданд.

***Хадамоти матбуоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## ● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум



## Тағйиру иловаҳои қабулшуда бахри рафъи коррупсия мусоидат мекунанд

**Ҳаштуми феврали соли ҷорӣ таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Доир ба рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ»**

**3. Дар хусуси Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Бюрои САҲА дар Тоҷикистон**

**4. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ».**

**РАИС:**- Ба муҳокимаи масъалаҳо шурӯъ менамоем. Вобаста ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадамин Маҳмадаминов дода мешавад.

**Маҳмадамин МАҲМАДАМИНОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида, бо назардошти таклифу пешниҳодоти кумитаҳо ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ такмил дода шудааст.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур барои истифодаи дурусти мафҳумҳои соҳавӣ ва аз байн бурдани зуҳуроти коррупсионӣ, мутобиқгардонӣ бо муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», истифодаи мақсадноки маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳисоббарии дақиқи хароҷотҳо мусоидат менамояд. Аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» (моддаи 1) ҳамчун кӯдаки маъюб шахси маъюби то синни 18 -сола эътироф шудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» бошад, то синни 16-солагӣ муқаррар гардидааст. Вобаста ба ин, мувофиқи муқаррароти қонуни зикргардида дар лоиҳаи пешниҳодшуда синну соли кӯдаки маъюб аз 16 -сола ба 18- сола иваз карда шуд.



Тибқи муқаррароти лоиҳаи қонуни мазкур, пардохти нафақаи нафақагироне, ки кор мекунанд, тавассути муассисаҳои бонки давлатии ваколатдор дар назар дошта шудааст. Муқаррароти мазкур барои ҷорӣ намудани ҳисоббарии дақиқи хароҷотҳои корхонаву ташкилотҳо аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Инчунин муқаррароти моддаи 106 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар қисмати пардохти кӯмакпулӣ барои дафн дар ҳолати фавти нафақагирон дар таҳрири нав баён карда шуд. Бо қабули меъёри ба лоиҳаи қонун воридкардашуда кӯмакпулӣ барои дафн дар сурати фавти нафақагир ба ворисони ӯ ба андозаи 20 нишондиҳанда барои ҳисобҳо пардохт карда мешавад.

Дар баробари ин, мувофиқи лоиҳаи қонуни мазкур матни моддаи 82 дар таҳрири нав баён гардидааст, ки тибқи он заминаи ҳуқуқӣ барои таҳияи санади меъёрии ҳуқуқие, ки тартиби ҳисоби нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ, фароҳам оварда шудааст. Қабули муқаррароти мазкур ва дар баробари ин ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» имкон медиҳад, ки барои муайян намудани механизми ба суғуртаи иҷтимоӣ ҷалб кардани шаҳрвандони зикршуда санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва пешниҳод шуда, масъалаи таъминоти нафақаи онҳо дар оянда аз ҳисоби саҳмгузориашон дар низоми суғуртаи давлатии иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли худро ёбад.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур дар баробари масъалаҳое, ки танзими онҳо ба нақша гирифта шуда буданд, инчунин ҷорӣ намудани маҳдудият дар андозаи ҳадди ниҳоии нафақаҳо аз рӯйи маъюбӣ ва барои маҳрум шудан аз саробон низ ворид карда шудааст.

Чунин муқаррарот пеш аз ҳама бо мақсади ба воқеият мувофиқ намудани маблағи пардохтшавандаи нафақа ба саҳмҳои гузоштаи нафақагир дар низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар давраи фаъолияти меҳнатии ӯ ва ба ин васила ҷорӣ намудани адолати иҷтимоӣ дар пардохти нафақаҳо ва ҳамзамон баинобатгирии вазъи кунунии имкониятҳои молиявии Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ворид карда шудааст.

Мувофиқи муқаррароти дар лоиҳаи қонуни мазкур пешбинишуда пас аз расман мавриди амал қарор гирифтани он нафақаҳо аз рӯйи маъюбӣ ва барои маҳрум шудан аз саробон бо маҳдудият пардохт карда мешаванд, ки андозаи он барои маъюбони гурӯҳи I - 10, барои маъюбони гурӯҳи II – 8 ва барои маъюбони гурӯҳи III - 6 ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну солро ташкил менамояд. Ҳадди ниҳоии нафақа барои маҳрум шудан аз саробон барои ҳар як аъзои ғайри қобили меҳнати оила ба андозаи ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯйи синну сол, ки дар айни замон 400 сомониро ташкил менамояд, муқаррар карда мешавад. Ин дар ҳолест, ки айни замон андозаи миёнаи нафақаҳои меҳнатӣ аз рӯйи маъюбӣ дар ҷумҳурӣ ба 210,32 сомонӣ ва нафақа барои маҳрум шудан аз саробон ба 184,21 сомонӣ баробар мебошад. Яъне, андозаи ҳадди ниҳоӣ барои маъюбони гурӯҳи I дар қиёс ба андозаи миёнаи нафақа аз рӯйи маъюбӣ 3,7 маротиба, барои маъюбони гурӯҳи II - 3 маротиба ва барои маъюбони гурӯҳи III- 1,9 маротиба зиёдтар ва андозаи ҳадди ниҳоии нафақа барои маҳрум шудан аз саробон барои ҳар як аъзои ғайри қобили меҳнати оила дар қиёс ба андозаи миёнаи нафақаи ин гурӯҳи нафақагирон 2,2 маротиба зиёдтар мебошад.

Табиист, ки нафақаҳо аз рӯйи маъюбӣ ва барои маҳрум шудан аз саробон, ки то мавриди амал қарор гирифтани қонуни мазкур таъин карда шудаанд ва андозаи онҳо аз андозаи ҳадди ниҳоии мувофиқи ҳамин қонун пешбинишуда зиёдтар мебошанд, бетағйир мемонанд. Дар сурате ки ҳамин категорияҳо баъди мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур барои бозҳисобии нафақаашон муроҷиат намоянд, дар ин ҳолат, албатта, талаботи Қонуни мазкур нисбати онҳо татбиқ мешавад.

Татбиқи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад.

Аз ин лиҳоз, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:**- Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Бег Қурбонов дода мешавад.



**Бег ҚУРБОНОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2011 таҳти №952 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуд.

**(Идома дар саҳ. 2)**

# Тағйиру иловаҳои қабулшуда баҳри рафъи коррупсия мусоидат мекунанд

(Идома аз саҳ. 1)

Ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро дар маҷмӯъ дастгирӣ ва ҷиҳати такмили он ворид намудани таклифу дархостҳои худро пешниҳод намуданд.

5 январи соли 2012 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ворид намудани тағйиру иловаҳои зеринро зарур шуморид, аз ҷумла:

1.Дар қисми 4-уми лоиҳа калимаи «қонунгузорӣ» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шуд.

2.Аз матни сархати якуми қисми 6-уми лоиҳа (моддаи 12) калимаҳои «зербандҳои «а»-«и»» ва «дохилии» хориҷ карда шуданд.

3.Дар қисми 8-уми лоиҳа сархатҳои нав бо мазмуни зайл илова шуданд:

«8.Дар моддаи 16:

-дар қисми якум калимаҳои «система стажи бефосилаи» ба калимаҳои «соҳа собиқаи» ва калимаҳои «(моддаи 70 ва моддаи 86-уми Қонуни мазкур)» ба калимаҳои «(моддаҳои 70-86 Қонуни мазкур)» иваз карда шаванд;

-дар қисми чорум калимаҳои «система стажи бефосилаи» ба калимаҳои «соҳа собиқаи» иваз карда шаванд;».

4.Дар сархати дуюми қисми 11-уми лоиҳа калимаи «қисми» ба калимаи «қисмҳои» иваз карда шуд.

5.Дар қисми 30 калимаҳои «таълимии таҳсилоти олӣ» ба калимаҳои «таҳсилоти олии касбӣ» иваз карда шуданд:

6.Қисми 42-юми лоиҳа дар таҳрири зайл ифода карда шуд:

«42. Дар моддаи 106:

-қисми чорум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Дар сурати фавти нафақагир ба аъзои оилаи ӯ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмакпулӣ барои дафн пардохт карда мешавад.»;

-дар қисми панҷум калимаи «ёрдампулӣ» ба калимаи «кӯмакпулӣ» иваз карда шавад.».

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, бо назардошти тағйиру иловаҳои қабулгардидаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро барои баррасӣ пешниҳод намуда, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.



**Шодӣ ШАБДОЛОВ:** - Таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолиро Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст ва ҳеҷ кас ҳуқуқи коҳиш додани онро надорад. Ҳамагон шоҳиди он будем, ки солҳои аввали соҳибистиқлолии кишварамон, бо вуҷуди кам будани маблағҳои буҷети давлатӣ, ин талабот пурра риоя мегардид. Ҳоло бошад, вазъият хеле беҳтар шудааст. Дар шароити кунунӣ, ба назари ман, коҳиш додани ҳаҷми нафақаи маъюбӣ ба мақсад мувофиқ нест, зеро ҳар шахс вобаста ба ҳаҷми маоши худ андозҳои пешбинишударо месупорад ва ҳуқуқ дорад, ки мутаносибан бо он нафақаи маъюбӣ гирад. Ин нукта дар қонуни амалкунанда инъикоси худро ёфта буд. Имрӯз ҳолатҳое мушоҳида мешавад, ки дар баъзе корхонаҳои хусусӣ кормандон бо ду усул маош мегиранд. Аввалан, тавассути табел, ки дар он маош хеле кам нишон дода шудааст. Сониян, бидуни он. Ин омил ба он хотир аст, ки корфармо аз супоридани андозҳои марбута дар канор бошад. Бинобар ин, лоиҳаи қонуни мазкур метавонад дар рафъи чунин падидаҳои номатлуб саҳмгузор бошад. Аз сабаби он ки зимни таҳияи он кафолатҳои иҷтимоӣ риоя нагаштааст, ман онро ҷонибдорӣ наменамоям.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» сухан ба директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилмурод Давлатов дода мешавад.

**Дилмурод ДАВЛАТОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Иҷозат диҳед барои баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» изҳори миннатдорӣ намоям.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» 3 марти соли 2006 қабул гардида, мавриди амал қарор дода шуда буд. Қонуни мазкур қариб шаш сол инҷониб амал мекунад ва нахустин маротиба аст, ки ба он тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд.

Зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо аз ӯҳдадориҳои қабулгардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди шариконни байналмилалӣ оид ба рушд, барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии вазъи ҷории низоми миллии хариди давлатӣ чун системаи дорои ниёз ба такмил бармеояд.



Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади иҷрои банди 10 «Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои Тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2010 таҳти №431 тасдиқ шудааст, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 таҳти №459 «Дар бораи тасдиқи Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», иҷрои шартҳои дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, инчунин бо мақсади такмили низоми хариди давлатӣ, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонун аз 33 қисм иборат буда, дар марҳилаи ибтидоии таҳияи он бо мақомоти дахлдори иҷроияи давлатӣ мувофиқа шудааст. Тибқи ӯҳдадориҳо аз рӯйи Нақшаи стамбулӣ оид ба тақвияти муқовимат ба коррупсия, ҷиҳати аз байни бурдани эҳтимолияти худсарона маънидод кардани муқаррароти қонун, дар лоиҳаи қонун як қатор тағйироти муҳим пешбинӣ шудааст, ки шаффофият ва беғаразии расмиёти харид ва чун натиҷа, сарфакории маблағҳои давлатиро таъмин мекунанд.

Ба моддаи 27-уми қонун тағйирот ворид шуда, тибқи он ҳолатҳои махсусе, ки истифодаи усули хариди «Дархости нархнома»-ро иҷозат медиҳанд, тавассути тасдиқи номгӯйи чунин ҳолатҳо мушаххас гардонида мешавад.

Тағйироти дигар дар қисми 15 моддаи 3 пешбинӣ шуда, бо роҳи иваз намудани мафҳуми «сметаи хароҷот» ба мафҳуми «моддаи хароҷоти гурӯҳбандии буҷетии иқтисодӣ», ки меъёри аниқи молиявӣ мебошад, маънидоди дуруст ва якхелаи муқаррароти қонун таъмин карда мешавад. Ҳамзамон дар моддаи мазкур ва инчунин моддаҳои 27 ва 70-уми қонун тағйироти дахлдор ворид гардида, бо назардошти таҷрибаи таҳияи қонунҳо дар ҷумҳурӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ, ҳадди камтарини маблағи харид бевосита дар худи қонун муқаррар карда мешавад.

Баробар ба ин, дар лоиҳаи қонун ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои молрасонону пудратчиён диққати махсус дода шуда, тағйиру иловаҳо дар ин хусус ҷой доранд. Аз ҷумла тибқи тағйирот ба қисми 1 моддаи 79 ва қисми 1 моддаи 80-уми қонун мӯҳлате, ки барои аз ҷониби молрасону пудратчӣ пешниҳод намудани шикоят раво дониста шудааст, дароз карда мешавад. Тағйиру иловаҳои дигаре, ки барои молрасонону пудратчиён шароити беҳтар фароҳам меоранд, ба сархати дуюми қисми 1 моддаи 16, қисми 1 моддаи 33, қисми 2 моддаи 35, қисми 4 моддаи 37-уми қонун ворид карда мешаванд.

Яке аз шартҳои дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ихтисор кардани имтиёзҳо барои молрасону пудратчиёни ватанӣ буда, дар таҳрири нави моддаи 18-уми қонун пешниҳод гардидааст. Гарчанде имтиёзҳои мавҷуда бекор карда мешаванд, ҷиҳати фароҳам овардани имконияти дастгирии истеҳсолкунандагони дохилӣ барои онҳо муқаррар намудани реҷаи мусоид пешбинӣ мешавад. Тасдиқи қоидаҳои ин реҷа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор мешавад.

Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, тибқи Нақшаи амалии он дар қисми 6 моддаи 42-юми қонун сархати нав ворид мегардад. Бо мақсади таъмини сифати корҳои сохтмонӣ ва роҳ надодан ба иштироки ширкатҳои сохтмонии беэътимод ва истифодаи масолеҳи камсифат дархостҳои тендерие, ки иҷрои корҳоро бо арзиши ниҳоят паст ё ба ифодаи дигар бо «нархи демпингӣ» пешниҳод менамоянд, дар мавриди арзёбӣ рад карда мешаванд.

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ дар асоси таҷрибаи амалӣ намудани расмиёти харид ва таклифу эродҳои ташкилотҳои харидор баҳри таъмини саривақтии мол, кор ва хизматрасонӣ, ки ба иҷрои вазифаҳои ба онҳо вогузоршуда бевосита таъсир мерасонад, ба қисми 1 моддаи 26, қисмҳои 5 ва 6 моддаи 37, қисмҳои 1 ва 3 моддаи 45 ворид намудани тағйироти дахлдорро пешниҳод намудааст.

Як қатор тағйиру иловаҳо барои мақсадҳои ҳисоботдиҳӣ, аниқнамойӣ ва аз байн бурдани мухолифатҳои баъзе аз муқаррароти қонуни амалкунанда пешниҳод гардидаанд.

Боварии комил дорем, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда барои такмили қонунгузорӣ ва беҳтар намудани шароити анҷом додани харид барои иштирокчиёни расмиёти давлатӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Домуллоҷон Ҷабборов дода мешавад.

**Домуллоҷон ҶАББОРОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» бо истифода аз тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Қонуни зикргардида мутобиқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи марҳилаҳои дахлдорро дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин дар шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст.

Бо тағйиру иловаҳои мазкур меъёрҳои устувори ҳадди камтарин маблағи харид, хориҷ карданни ҳадди баландтарини маблағи харид, муайян намудани номгӯйи ҳолатҳои мушаххаси барои истифодаи усули «дархости нархнома» муносиб, пурзӯр намудани ваколатҳои назоратии мақомоти ваколатдор, ҳимояи ҳуқуқҳои иштирокчиёни расмиёти хариди давлатӣ ва аз байн бурдани баъзе мухолифатҳо дар таҳрири ҷории қонун пешбинӣ шудааст. Бо мақсади иҷрои шартҳои дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо имтиёзҳо барои молрасони (пудратчиёни) дохилӣ бекор шуда, бар ивази он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардани қоидаҳои реҷаи мусоидаткунанда барои молистеҳсолкунандагони ватанӣ пешниҳод мегардад.



Дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул 26 январи соли 2012 ҳамаи таклифу эродҳои воридшуда оид ба лоиҳаи қонуни зикргардида бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии хариди мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз 18 таклифу дархости пешниҳодшуда, 14-тоаш қабул гардид ва 4-тоаш қабул нашуд. Таклифҳои қабулшуда, дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузор, ба лоиҳа ворид карда шуданд.

Таклифу эродҳои Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд, ба лоиҳаи қонун ворид шуда, лоиҳаро мукаммалтар гардониданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ»-ро, бо назардошти хулосаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Аз ин хотир, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ»-ро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба масъалаи навбатии рӯзнома – «Дар хусуси тасдиқи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Бюрои САҲА дар Тоҷикистон» сухан ба муовини аввали вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Орипов дода мешавад.

**Нурулло ОРИПОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Бюрои САҲА дар Тоҷикистон 8 апрели соли 2011 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз муқаддима ва 19 модда иборат мебошад.

Ёддошти тафоҳум мутобиқи Қарори Шӯрои Доимии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, ҳамчунин қарорҳои минбаъдае, ки ваколатномаи (мандат) онро тамдид мекунанд, бо мақсади расонидани кӯмаки машваратӣ ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти самараноки милитсия ва ҳамчунин мусоидат барои гузаронидани ислоҳоти бомуваффақияти милитсияи Тоҷикистон ва ислоҳоти умумии милитсия, зарурати мустаҳкам намудани боварӣ байни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва милитсия таҳия гардидааст.

Ёддошти мазкур ба рушд ва ислоҳоти милитсияи Тоҷикистон, ки бо мақсади тақвият ва густариши минбаъдаи ислоҳоти идораи давлатӣ, ба вуҷуд овардани низоми шаффофи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, сарфакорӣ ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ дар доираи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2006 «Дар бораи такмил додани сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ мегардад, равона шудааст.

Дар муқаддима асосҳо барои баста шудани Ёддошт ифода ёфта, дар моддаи 1 мавзӯи Ёддошт, самтҳои асосии ҳамкории Тарафҳо доир ба рушд ва ислоҳоти милитсияи Тоҷикистон маънидод шудаанд.

Дар моддаҳои 2-4 дар бораи механизми иҷрои Ёддошт мутобиқи «Барнома оид ба инкишоф ва ислоҳоти милитсия», маблағгузории он, масъалаҳои эътибори қонунӣ пайдо намудани Ёддошт ва мӯҳлати амал, дар моддаҳои 5-6-ум масъалаҳои ӯҳдадориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бюро мавриди танзим қарор гирифтаанд.

Дар моддаи 7 имтиёз ва масъулияти шахсони расмӣ, кормандон, намоянда ё коршиносони байналмилалии Бюро, дар моддаи 8 тартиби баҳодиҳии лоиҳаҳо ва барномаҳо, шарҳи он пешбинӣ шудаанд.

Дар моддаи 9 масъалаи ӯҳдадории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таъмини тамомият ва дахлнопазирии моликияти Бюро, инчунин ҳифзи Бюро, шахсони расмии он, кормандон ва намояндагони он аз ҳама гуна мунокиша, даъвоҳо, талабот, талафот, дар моддаи 10 бошад, тартиби эътирофи САҲА дар маводи чопие, ки ба Ёддошт тааллуқ дорад, инъикос гардидааст.



Моддаҳои 11-17-уми Ёддошт масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи моликият ва истифодаи натиҷаҳои Барнома, тартиби нигоҳдории ҳуҷҷат ва маълумот, забонҳои кории ҳамкориҳо миёни Тарафҳо, тартиби ҳалли баҳсҳо, мӯҳлати қатъкунӣ ва боздории Ёддошт, ворид намудани тағйирот ба он, бартарӣ байни Ёддошт ва замимаҳоро ба танзим медароранд.

Дар моддаҳои 18-19 кафолати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи муқаррароти Ёддошт, забони асосии кори Тарафҳо инъикос гардидааст.

Ёддошти мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки тасдиқи Ёддошти мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Абдузафар Иномов дода мешавад.

**Абдузафар ИНОМОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Бюрои САҲА дар Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Ёддошти мазкур тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2012 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон барои хулоса ва ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ фиристода шуд.

Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Бюрои САҲА дар Тоҷикистон дар таърихи 8 апрели соли 2011 дар шаҳри Душанбе имзо гардида, мақсади он расонидани ёрӣ ва мададӣ машваратӣ ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи фаъолияти самаранок ва мусоидат ба ислоҳоти милитсия мебошад.



Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёддошти зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуда, доир ба он хулоса пешниҳод карданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 31 январи соли 2012 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ мавриди муҳокима қарор дод.

Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Бюрои САҲА дар Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва барои тасдиқ ба баррасии ҷаласаи навбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати тасдиқи Ёддошти мазкур овоз диҳед.

*Доир ба тасдиқи Ёддошти мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.*

**РАИС:**- Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Олимҷон Сафаров дода мешавад.



**Олимҷон САФАРОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромиқадр ва ҳозирин!**

Ба баррасии шумо такроран лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Ҳақдодов ва узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д.Гулмаҳмадов пешниҳод шудааст, манзур мегардад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 ноябри соли 2011 таҳти № 586 қабул шуда, бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 декабри соли 2011 таҳти №238 ҷонибдорӣ нашудааст, барои баррасии такрорӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида шудааст.

Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2012 таҳти №1015 лоиҳаи қонуни мазкур барои баррасии такрорӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология супорида шуд.

Кумитаи масъул лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»-ро, бо назардошти Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди баррасӣ қарор дода, ба он тағйиру иловаҳои зеринро ворид намуд:

1. Дар сархати шашуми моддаи 1 калимаҳои «лоиҳаҳои техникии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба калимаҳои «лоиҳаҳои санадҳои меъёрии техникӣ» иваз карда шуд.

2. Сархати ёздаҳуми моддаи 1 бо таҳрири зайл навишта шуд:

«- хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ – ҳуҷҷате, ки аз рӯйи натиҷаи экспертизаи давлатии экологӣ таҳия шуда, дорои хулосаҳо дар бораи таъсири ин ё он фаъолият ба муҳити зист мебошад.».

3. Дар сархати дуюми қисми 3 моддаи 6 калимаҳои «ва раъйпурсиҳо» хориҷ карда шуд.

Масъалаи мазкур 2 феврали соли 2012 дар ҷаласаи васеи кумита бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Т.Салимов мавриди баррасӣ қарор гирифта, иштирокчиёни он баррасии такрории лоиҳаи қонуни мазкурро, бо назардошти тағйиру иловаҳои воридшуда, дастгирӣ намуданд.

Кумитаи масъул лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»-ро мутобиқи банди 372 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти тағйиру иловаҳои воридшуда, барои баррасии такрорӣ ба Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд ва лоиҳаи қонуни мазкур мавриди дастгирӣ қарор гирифт.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология, бо назардошти тағйиру иловаҳои воридшуда, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»-ро барои баррасии такрорӣ ба Иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**Талбак САЛИМОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Пеш аз ҳама мехостам ба Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таваҷҷуҳи доимиашон дар кори такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бахши ҳифзи муҳити зист, ки барои солим нигоҳ доштани муҳити зист ва саломатии аҳли ҷомеа мусоидат намуда, барои пешбурди сиёсати экологӣ дар ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам меорад, изҳори сипос намоям.

Имрӯз ба муҳокимаи вакилони мӯҳтарам лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», ки бо истифода аз тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Ҳақдодов ва узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д.Гулмаҳмадов таҳия гардидааст, пешниҳод шудааст.

Бояд зикр намуд, ки лоиҳаи қонуни мазкур тибқи талаботи имрӯзаи ҷомеа, бо назардошти таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар бахши гузаронидани экспертизаи экологӣ ва бо мақсади мутобиқ сохтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба экспертизаи экологӣ бо қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Иқтисодии Аврупо ва Осиё дар соҳаи экспертизаи экологӣ таҳия гардида, Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»-ро пурра ва ба он мафҳумҳои нав дохил намудааст.



Лоиҳаи қонуни мазкур заминаи ҳуқуқиро ҷиҳати ташкил ва гузаронидани экспертизаи экологӣ муайян намуда, барои пешгирии таъсири манфии фаъолияти банақшагирифтаи хоҷагидорӣ ва ғайра ба муҳити зист ва оқибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайраи ба он алоқаманди баамалбарории объекти экспертизаи экологӣ равона гардидааст.

Ҳамчунин дар лоиҳаи қонун принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ, мақсад ва вазифаҳои татбиқи он, намудҳои экспертизаи экологӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ (шахсони мансабдор) барои амалӣ намудани танзими давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ инъикос гардидаанд.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур тартиби нигоҳ доштани тартиби ягона оид ба муайян намудани ҳайати субъектҳои экспертизаи экологӣ, муқаррар намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои якхелаи субъектҳои экспертизаи экологӣ, аз ҷумла барои экспертҳо, фармоишгарон, ташкилотҳои лоиҳакаш, додани ҳуқуқ ба ташкилотҳои лоиҳакашӣ, ба экспертизаи давлатии экологӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва ба фармоишгар барои тасдиқ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, бо хулосаи мусбии экспертӣ нигоҳ доштани тартиби ягонаи гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ, бахусус дар қисми таркиби ҳуҷҷатҳои дар экспертиза пешниҳодшаванда, тартиби тайёр намудани хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ, мазмун ва мундариҷаи он, тартиби имзо ва тасдиқи он нишон дода шудааст.

Ғайр аз ин, ба танзим даровардани тартиби гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии экологӣ, муайян намудани субъектҳои экспертизаи ҷамъиятии экологӣ, баррасии хулосаи экспертизаи ҷамъиятии экологӣ ҳангоми гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ, ҳамчунин муайян намудани тартиби ташкил ва гузаронидани арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист дар ҳама марҳилаи ба нақшагирӣ ва лоиҳакашии объектҳои фаъолияти ба нақшагирифта, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист барои экспертизаи экологӣ зарур ва иштироки аҳли ҷомеа дар таҳия ва муҳокимаи маводи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист оварда шудааст.

Бояд зикр кард, ки лоиҳаи нави таҳиягардидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» барои мукаммал намудани қонунгузориҳо дар бахши ҳифзи муҳити зист, мутобиқати он ба дигар қонунгузориҳои соҳавӣ, қонунгузориҳои соҳавии байналмилалӣ ва дар маҷмӯъ барои пешбурди сиёсати экологӣ дар ҷумҳурӣ, мусоидат менамояд. Аз ҷумла мутобиқ сохтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба экспертизаи экологӣ ба қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Иқтисодии Аврупо ва Осиё дар соҳаи экспертизаи экологӣ барои рушди иқтисодиёт, дар амалӣ намудани лоиҳаи нави сармоягузорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар шароити мусоид фароҳам меоварад.

Аз ин лиҳоз, кумита қабули лоиҳаи пешниҳодшударо бамаврид мешуморад.

*Дар навбати аввал тағйиру иловаҳои дар раванди баррасии такрорӣ ба сархатҳои шашуму ёздаҳуми моддаи 1 ва сархати дуюми қисми сеюми моддаи 6-уми лоиҳаи қонун воридгардида ба овоз монда шуд.*

*Сипас лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум». Суртагир А.ИСОЕВ***

● Боварӣ ва масъулият

# Шаҳрвандон бо умед муроҷиат мекунанд

**Тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шуда, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ӯҳдадоранд, ки фаъолияти худро баҳри риояи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд ба роҳ монанд.**

**Яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи инсон кор бо муроҷиати шаҳрвандон мебошад.**

**Дар моддаи 31-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст: «Шаҳрванд ҳақ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намояд».**

**Тавассути арз ё шикоят шаҳрванд мехоҳад ҳалли масъалаи бамиёномадаро дархост намояд ва умедвор аст, ки мақомоти ваколатдор онро дарк ва дастгирӣ менамояд.**

Аз ин ҷост, ки дар давоми соли 2011 ба унвони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5185 муроҷиати шаҳрвандон, аз ҷумла 1123 муроҷиати хаттӣ ва 4062 муроҷиати шифоҳӣ оид ба масъалаҳои гуногун ворид шудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар асоси рӯзҳои қабули шаҳрвандон, ки бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2010 таҳти №24 тасдиқ шудааст, муроҷиаткунандагон аз тарафи вакилон бевосита дар «Утоқи қабули шаҳрвандон» пазироӣ карда мешаванд.

Инчунин аз тарафи кормандони масъули Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар ҳафта -рӯзҳои шанбе шаҳрвандонро ба ҳузур мепазиранд.

Давоми соли 2011 роҳбарияти Маҷлиси намояндагон ва кормандони шӯъбаҳои Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон 262 нафар, кумитаю комиссияҳои Маҷлиси намояндагон 3800 нафар муроҷиаткунандагонро қабул кардаанд.

Аз ҷумла Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Ш.З.Зуҳуров – 73 нафар, муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам А.М.Миралиев– 56 нафар, муовинони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А.Ғафорова– 56 нафар, М.Ш.Шабозов– 30 нафар ва Роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ.Ҳ.Расулов– 36 нафар шаҳрвандонро ба ҳузур пазируфтаанд.

Аз 3800 муроҷиаткунанда 1058 нафарашонро раисони кумитаву комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардаанд.

Дар давоми соли 2011 ба кумитаҳо ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 849 ва ба шӯъбаҳои Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон 274 муроҷиати хаттӣ ворид гардидааст. Таҳлили арзу шикоятҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар маҳалҳо ҳанӯз ҳам дар ҳалли масъалаҳои тақсимоти замин, фаъолияти идораҳои хоҷагии коммуналӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кишоварзӣ, тандурустӣ, нақлиёт, хоҷагии манзил, гумрук, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илм ва фарҳанг, молия, бонк, андоз ва ғайраҳо камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доранд, ки боиси арзу эътирози аҳолӣ мегарданд.

Муроҷиаткунандагон вобаста ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ, риояи тартиботи ҷамъиятӣ (325 адад), тандурустӣ, меҳнат, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (121 адад), илму фарҳанг, тарбия ва омӯзиши ҷавонон (114 адад) бештар муроҷиат карданд.

Аксарияти аризаю шикоятҳо аз рӯйи иртибот барои баррасӣ ва андешидани чораҳои мушаххас ба Ҳукумати ҷумҳурӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фиристода шудаанд.

Аз 1123 муроҷиати хаттӣ иҷрои 434 - тои онҳо таҳти назорат қарор дода шуд, ки аз ин миқдор 133 муроҷиат ба таври мусбӣ ҳал гардида, 27 муроҷиат қисман қонеъ карда шуд. Ба 196 нафар моҳияти муроҷиаташон фаҳмонида, хоҳиши 40 нафар, бинобар беасос буданашон, рад карда шуд. Арзу шикоятҳои 38 нафар айни замон таҳти назорат ва 27 адад муроҷиатҳои хаттии шаҳрвандон мавриди баррасӣ қарор доранд.

Ҳолати кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон мунтазам дар ҷаласаҳои кумитаҳо мавриди муҳокима қарор мегиранд. Масъалаҳои бетаъхир баррасӣ намудани арзу шикоятҳои хаттӣ, талаб намудани ҷавобҳо аз мақомоти марбута, сари вақт аз назорати Раиси Маҷлиси намояндагон баровардани муроҷиатҳои ҳалшуда, зери назорат қарор додани шикоятҳо нисбати санадҳои судӣ ва ғайра пайваста муҳокима мегарданд.

Барои беҳтар шудани кор бо аризаю шикоятҳои шаҳрвандон сафари вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ самараи мусбат мебахшад. Чунончӣ, соли 2011 аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 адад муроҷиати хаттии воридгашта дар ҷояш санҷида шуд.

Масалан, санҷиши аризаи сокини шаҳри Истаравшан Ӯғулой Воситова оид ба мусоидат барои гирифтани замини наздиҳавлигӣ ба зиммаи вакил Л.Саидмуродов вогузор шуда буд. Ариза дар ҷояш мавриди баррасӣ қарор дода, аз тарафи роҳбарияти шаҳр чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Аризаи сокини деҳаи Чорсӯи ноҳияи Рӯдакӣ Зафар Иброгимов оид ба расонидани кӯмаки моддӣ аз тарафи вакил Г.Рабиева мавриди санҷиш қарор гирифта, ба аризадиҳанда кӯмакпулӣ ва 1 тонна семент ёрӣ расонида шуд.

Ё ин ки аризаи сокини деҳаи Болшевики ноҳияи Бохтар Қутбиддин Солихов ҷиҳати ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ аз тарафи вакил А.Маҳмадалиев дар ҷояш санҷида шуд ва ҳалли худро ёфт.

Дар давоми соли 2011 ба унвони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аризаҳои дастаҷамъона 266 адад, аз маъюбону иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ 57 адад ва муроҷиатҳои такрорӣ 120 адад ворид гардидаанд.

Қобили зикр аст, ки кормандони шӯъбаи муроҷиат ва қабули шаҳрвандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста оиди баррасии аризаҳое, ки ба унвони Маҷлиси намояндагон ворид мегарданд, бо кормандони масъули мақомоти дахлдоре, ки аз болои эшон муроҷиатҳои хаттӣ барои баррасӣ фиристода шудаанд, сӯҳбатҳои телефонӣ баргузор менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки шумораи зиёди муроҷиатҳоро масъалаҳои таъминоти қонуният ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар муроҷиатҳои хаттӣ ва шифоҳиашон чораҳоеро, ки барои таҳкими минбаъдаи қонуният ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ андешида мешаванд, маъқул мешуморанд. Дар баробари ин, шаҳрвандон доир ба ҳолатҳои аз ҷониби кормандони комиссариатҳои ҳарбии мамлакат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ содир шудани қонуншиканиҳо изҳори ташвиш менамоянд.

Масалан, аризаи сокини шаҳри Душанбе А.Остонаева, ки дар хусуси муносибати дағалонаи иҷрочии Суди ноҳияи Фирдавсӣ Р.Паҳлавонов ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шудааст, таҳти назорат қарор дорад.

Ё худ вобаста ба аризаи дастаҷамъонаи Г.Собирова ва дигар соҳибкорони инфиродии шаҳри Ваҳдат дар хусуси бекор кардани Қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Ваҳдат аз 25 декабри соли 2006 таҳти №98, ки рӯзи 15 апрели соли 2011 ба Суди Олии иқтисодии ҶТ ирсол шуда буд, дар санаи 20.04.11 оиди ба муроҷиаткунандагон фаҳмонида дода шудани моҳияти масъалаи ҷойдошта ҷавоб ворид гашт.

Аризаи сокини ноҳияи Нуробод Аҳтам Сангов бошад, оиди аз хизмати ҳарбӣ озод намудани писараш Оятуллоҳ буд, ки рӯзи 6 майи соли 2011 ба Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуд. Ба муаллиф аз Вазорати мудофиа ва аз Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 20 майи соли 2011 оиди фаҳмонида дода шудани моҳияти масъала мактуб ирсол гардидааст.

Сокини шаҳри Турсунзода Р.Болтаева дар хусуси ғайриқонунӣ ба ҷавобгарӣ кашидани писараш Ҷ.Подавонов муроҷиат кардааст, ки низ аз 22 сентябри соли 2011 ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол дода шуд ва рӯзи 28 сентябри соли 2011 оиди беқаноат мононданиi хоҳиши муроҷиаткунанда ҷавоб ворид гашт.

Шаҳрвандон ҳамчунин дар муроҷиатҳои худ аз рафторҳои ғайриқонунии кормандони соҳаи андозу гумруки шаҳру ноҳияҳо, масъалаҳои вобаста ба замин, аз ҷумла истифодабарии он, беш аз ҳама масъалаҳои марбут ба донишкадаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ба хориҷи кишвар фиристондани донишҷӯён, аз гурӯҳҳои шартномавӣ ба гурӯҳҳои буҷетӣ гузаронидани онҳо, шароити мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо ҷойи кор таъмин намудани ҷавонон ва ғайра шикоят мекунанд.

Масалан, аризаи дастаҷамъонаи А.Раҳматуллоев, Г.Шарифова ва дигар сокинони ноҳияи Восеъ оиди баргардонидани замине, ки ҳамчун чарогоҳ истифода мебурданд, санаи 15 апрели соли 2011 ба Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид. Тавассути мактуби ҷавобӣ аз 17 майи соли 2011 ба муаллиф моҳияти масъалаи гузошташуда фаҳмонида дода шуд.

Аризаи сокини шаҳри Ваҳдат М.Шарифова оид ба 50 фоиз кам кардани маблағи таҳсили шартномавии писараш С.Гулов – донишҷӯйи бахши сеюми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон буд, ки ба номи ректори донишкадаи мазкур фиристода, бо мактуби ҷавобӣ ба муаллиф моҳияти масъала фаҳмонида дода шуд.

Қисме аз муроҷиатҳои воридгардида масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ, баланд бардоштани ҳаҷми нафақапулӣ, ҷудо намудани кӯмакҳои моддӣ ва башардӯстона ва дигар масъалаҳои рӯзмарра, аз қабили сохтмони кӯпрук, иваз намудани трансформатор ва ғайраро дар бар мегиранд.

Масалан, аризаи сокини шаҳри Душанбе Т.Қаюмова оиди зиёд намудани ҳаҷми нафақааш, аризаи сокини шаҳри Панҷакент Ҳ.Махкамов, ноҳияи Тавилдара С.Ҷӯрабеков оиди расонидани кӯмаки моддӣ, аризаи сокини ноҳияи Мурғоб Г.Ахмедшарипова оиди барқарор намудани писараш ба донишгоҳ, аризаи сокини ноҳияи Айнӣ Х.Лутфзода оиди гирифтани роҳхат ба табобатгоҳ, аризаи сокини ноҳияи Ванҷ - маҷрӯҳи гурӯҳи 2 С.Саидова оиди кӯмак намудан барои амали ҷарроҳӣ ва ғайраҳо буданд, ки ба мақомоти дахлдор фиристода шуданд ва ҳалли худро ёфтанд.

Аризаи дастаҷамъонаи сокинони ноҳияи Ванҷ, ки дар хусуси ёрӣ расонидан барои сохтмони кӯпруки мошингард буд, санаи 3 майи соли 2011 ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардид. Аризаи мазкур аз тарафи вакил Н.Ҷонов ба Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол дода, ба муаллифон моҳияти масъала фаҳмонида шуд.

Бояд тазаккур дод, ки вакилони Маҷлиси намояндагон, кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон рафти баррасии муроҷиати шаҳрвандонро мунтазам таҳлил намуда, барои сари вақт ва ҳамаҷониба дида баромадани арзу шикоятҳои онҳо, пешгирӣ намудани сабабҳои такроран воридшавии муроҷиатҳо ба Маҷлиси намояндагон, мақомоти болоии ҳокимияти давлатию ҷамъиятӣ корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонанд.

Чунончӣ, роҳбарият ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар соли сипаригашта ба ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба сафари хизматӣ баромада, зимни шиносоӣ бо шароити зисту зиндагонии мардум дар маҳалҳо, ҳамзамон ба фаъолияти мақомоти давлатию қудратӣ оиди кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд.

Ҳангоми баргузор гардидани мулоқотҳо бо интихобкунандагон хоҳишу дархостҳои онҳоро ба инобат гирифта, масъалаҳоеро, ки иҷроишашон ба мақомоти маҳаллӣ вобастагӣ доштанд, дар ҷояш ҳал карда, қисми дигари муроҷиатҳоро ба мақомоти дахлдор расонида, иҷроишашонро таҳти назорат гирифтанд.

Айни ҳол ҷиҳати пурратар истифода бурдани ваколату имкониятҳо аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади ҳалли амалии хоҳишу таклифҳои шаҳрвандон дар маҳалҳо корҳои зиёде бурда мешавад.

Бояд гуфт, ки баҳри баланд бардоштани сифат ва самаранокии кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам натиҷаи муроҷиатҳои шаҳрвандонро мавриди омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбаст қарор дода, баҳри ошкор ва бартараф намудани муроҷиатҳои такрорӣ тадбирҳои самарабахш меандешад.

***А.САБУРОВ,***
***мудири шӯъбаи муроҷиат ва қабули шаҳрвандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

● Муҳокимаи парлумонӣ



Суратгир А.Исоев

# Вакилон таҳияи лоиҳаи қонун дар бораи ангиштро зарурати ҳаётӣ мешуморанд

Бо ибтикори роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ аз ибтидои соли ҷорӣ таҷрибаи нав- доир намудани муҳокимаҳои парлумонӣ дар сатҳи кумитаҳо ҷиҳати баррасии лоиҳаи қонунҳо роҳандозӣ гардид. Бо ин мақсад 16 январи соли равон қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қабул гардида буд.

Ҷиҳати иҷрои қарори фавқуззикр 9 феврал Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия дар ҳамдастӣ бо Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия доир ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» муҳокимаи парлумонӣ доир намуд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Амир Каттаев зарурати пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур ва ҳадафи дар доираи муҳокимаи парлумонӣ баррасӣ намудани онро мухтасар шарҳ дода гуфт, ки лоиҳа аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шабдолов, М.Каримов, М.Нозимов ва И.Талбаков таҳия гаштааст. Зимни таҳияи лоиҳаи қонуни зикршуда таклифу пешниҳодоти масъулини Вазорати энергетика ва саноати ҷумҳурӣ ба инобат гирифта шуда, онҳо низ дар таҳияи лоиҳа саҳм доранд.

Зимни суханрониҳои худ Ш.Шабдолов, М.Нозимов ва И.Талбаков ба ҳозирин мӯҳтаво ва ҳадафи лоиҳаи қонуни мавриди баррасиро бозгӯ намуданд. Аз гуфтаҳои онҳо бармеояд, ки зарурати таҳия ва қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» таъмини иқтисодиёти кишвар ва аҳолӣ бо сӯзишвории алтернативӣ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ маҳсуб меёбад.

Дар моддаи 13-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад».

Дар ҳамин радиф ҳанӯз 30 апрели соли 2007 Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин дастур дода буд:

«Бо назардошти захираҳои бойи ангиштсанги мамлакат, ки 4,5 миллиард тоннаро ташкил медиҳад, имкониятҳои ба истифодаи ангиштсанг гузаронидани марказҳои гармидиҳӣ ва баъзе корхонаю таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ бо истифодаи ангиштсанг мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шаванд».

Вале, ба андешаи муаллифони лоиҳаи қонун, дар ин соҳа шояд аз мавҷуд набудани қонуни мукаммал то ҳол кор ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Аз камчинии маводи сӯхт ба муҳити зист, махсусан дарахтзорону буттазорҳо, таъсири номатлуб расонида шуда истодааст, ки оид ба ин масъала дар воҳӯриҳо интихобкунандагон ба вакилон изҳори нигаронӣ менамуданд.

Маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба ин соҳа хеле кам буда, сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ ҳам ба ин соҳаи ҳаётан муҳим ҳавасмандӣ зоҳир намекунанд.

Тӯли солҳои 2009-2010 ба ҳисоби миёна ҳар соле ҳамагӣ 140 ҳазор тонна ангиштсанг истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба талаботи кишвар хеле ночиз мебошад.

Муаллифон умедворанд, ки таҳия ва қабули қонуни мазкур дар мувофиқа бо стандартҳои байналмилалӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, метавонад барои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва рушди соҳаи истихроҷу истифодабарии ангишт заминаи боэътимод гузорад.

Вусъат бахшидани ин раванд имконият медиҳад, ки афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ки тибқи нишондодҳои Дурнамои миёнамӯҳлати кишвар дар се соли оянда на кам аз 5-6 фоиз муайян шудааст, таъмин карда шавад.

Истихроҷи ангиштсанг ва бо технологияи ҳозиразамон коркарди он барои ба даст овардани маводи сӯхти аз ҷиҳати экологӣ безарар, имконияти ба кор даровардани захираҳои тавонои истгоҳҳои барқи аловиро, ки барои дар давраи камобӣ бо қувваи барқ таъмин намудани соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар хеле заруранд, фароҳам меорад.

Инчунин қабули қонуни мазкур имконият медиҳад, ки фаъолияти босамари саноати ангиштсанг таъмин гардад ва бо истифода аз он кори мунтазами корхонаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ба роҳ монда шавад. Истифодаи самараноки ангиштсанг барои сарфа намудани миқдори зиёди қувваи барқ ва ҳифзи табиат мусоидат намуда, ангиштсанги коксшаванда барои рушди саноати металлургӣ ва истеҳсоли оҳану чӯян аз конҳои дохилӣ асоси боэътимод мегузорад.

Дар баробари ин, дар асоси рушди ин соҳа ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд омада, теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ коҳиш ёфта, сатҳи зиндагии мардум низ беҳтар хоҳад шуд.

Муовини вазири энергетика ва саноати ҷумҳурӣ Заробиддин Файзуллоев лоиҳаи қонуни мазкурро хеле муҳиму саривақтӣ арзёбӣ намуда, ба он бовар аст, ки бо мавриди амал қарор гирифтани он марҳилаи нави рушди ин соҳа оғоз хоҳад гашт. Раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Азизмат Имомов низ аз пешниҳоди лоиҳаи қонун истиқбол намуда, онро мусоидаткунандаи рушди соҳа арзёбӣ кард.

Дар анҷоми муҳокимаи парлумонӣ иштирокчиён ба хулоса омаданд, ки лоиҳаи қонунро бори дигар дар ҷаласаи Кумитаи масъул баррасӣ намуда, сипас ба Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

## Минтақаҳои озоди иқтисодӣ самар меоранд

Тавре хонандагони рӯзнома иттилоъ доранд, соли 2008 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» таъсис ёфта буд. Ҳадафи асосии иқдоми мазкур ҷалби бештари сармояи хориҷӣ, мусоидат ба рушди соҳибкорӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ маҳсуб меёбад. Тибқи иттилои аз Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ дастрасшуда, то ин замон дар минтақаи озоди зикргашта 18 субъект бо лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҳаҷми 52 миллион доллари ИМА ба қайд гирифта шудаанд. Хурсандиовар аст, ки соли равон қисме аз онҳо ба истеҳсоли маҳсулот шурӯъ хоҳанд кард. Аз ҷумла моҳи марти соли ҷорӣ ширкати муштараки «Силкоат бойя», ки барои истеҳсоли маҳсулоти ороишии сохтмонӣ пешбинӣ шудааст, ба истеҳсоли маҳсулот оғоз хоҳад кард. Ҷоиз ба зикр аст, ки маҳсулоти истеҳсолнамудаи ширкати мазкур ҷавобгӯйи талаботи байналмилалӣ буда, масъулин ният доранд, ки фурӯши онро на танҳо дар дохили кишвар, балки дар хориҷ аз он низ роҳандозӣ намоянд.

Бино ба иттилоъи манбаъ, имкони содироти ин қабил маҳсулот ба ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мавҷуд аст. Дар назар аст, ки давоми сол 5 субъекти дигар низ истеҳсоли маҳсулоти худро шурӯъ хоҳанд кард. Субъектҳои боқимондаи дар минтақаи озоди иқтисодии мазкур бақайдгирифта дар марҳилаи банақшагирии раванди истеҳсолот ва ҷалби сармоя аз созмонҳои байналмилалии молиявӣ қарор доранд. Аз далелҳои пешниҳодгашта бармеояд, ки иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар як муддати кӯтоҳ самар овардааст. Ҳарчанд баъзе «коршиносони масоили иқтисодӣ» муваффақ гаштани онро зери шубҳа гузошта буданд, вале омили мазкур бепоя будани чунин пешгӯйиҳои муғризонаро далели возеҳ аст.

***Д. АБДУЛЛО,***
***«Садои мардум».***

● Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ПАНҶУМ 1959 - 1963

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**ХОЛМАТОВ Додобой**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Қизил Деҳа №236, шаҳри Ленинобод***

Соли 1892 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои командири взводи партизанҳои ихтиёрӣ, мудири ферма, ҷонишини раиси колхоз, раиси колхози «Роҳи Коммунизм», раиси колхозҳои «Болшевик» ва «Москва»-и ноҳияи Ленинобод кор кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**НИКИТИН Василий Афанасевич**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Камоли Хуҷандӣ №237, шаҳри Ленинобод***

Соли 1931 дар вилояти Белгород таваллуд шудааст. Миллаташ рус.

Дар вазифаҳои котиби дуюми Кумитаи комсомолии вилояти Ленинобод, котиби дуюми КМ ЛКСМ Тоҷикистон кор кардааст.



**ЭРГЕШЕВА Очаой**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Унҷӣ №238, шаҳри Ленинобод***

Соли 1931 дар деҳаи Хоҷадаштаки ноҳияи Хуҷанд таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1945 оғоз намуда, ҳамчун сардори звено ва сардори бригадаи пахтакории колхози «Москва»-и ноҳияи Хуҷанд кор кардааст.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва чор медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.



**ҶАЛИЛ Раҳим**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Қулангир №239, шаҳри Ленинобод***

Соли 1909 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои муаллим, ходими адабии рӯзномаи вилоятӣ, котиби масъул, ҷонишини муҳаррир, муҳаррири рӯзномаи «Бо роҳи Ленин», ходими адабии рӯзномаи ҷумҳуриявии «Тоҷикистони Сурх», котиби масъули шӯъбаи Ленинободии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат ва медалҳои «Барои меҳнати шоён», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ЯЪҚУБОВ Ҷумъа**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Овчӣ Қалъача №240, шаҳри Ленинобод***

Соли 1927 дар шаҳри Конибодом таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1943 оғоз намуда, ҳамчун харроти устохонаи кони нафти «КИМ», ноҳияи Исфара, сарзоотехники Инспексияи хоҷагии қишлоқи ноҳияи Ленинобод кор кардааст.



**ҶӮРАЕВ Ӯрунбой**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Азизов №241, шаҳри Ленинобод***

Соли 1932 дар деҳаи Исфисори ноҳияи Ленинобод таваллуд шудааст. Миллаташ ӯзбек.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1946 оғоз намуда, ҳамчун тракторчӣ ва сардори бригадаи комплексӣ-трактории колхози ба номи Ленини ноҳияи Ленинобод кор кардааст.



**РУСТАМОВ Мирзоқосим**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Қатаған №242, шаҳри Ленинобод***

Соли 1917 дар ноҳияи Хуҷанд таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои ҷонишини раиси комиҷроияи ноҳия, инструктори Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ленинобод, ҷонишини директори МТС, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ашт, раиси комиҷроияи Шӯрои вилоятии Ленинобод, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ленинобод ва ноҳияи Ленинобод кор кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, медалҳои «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ЗОҲИРОВА Марҳамат**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҷавгал №243, шаҳри Ленинобод***

Соли 1924 дар деҳаи Қистакӯзи ноҳияи Ленинобод таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1940 оғоз намуда, ҳамчун узви колхоз ва сардори бригадаи колхози ба номи Маленкови ноҳияи Ленинобод кор кардааст.

Бо ордени «Нишони Фахрӣ» мукофотонида шудааст.



**САТТОРОВ Абдуғаффор**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чкалов №244, шаҳри Ленинобод***

Соли 1904 дар деҳаи Қистакӯзи ноҳияи Ленинобод таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1931 оғоз намуда, ҳамчун табелчии колхоз ва сардори бригадаи колхози Ленини ноҳияи Қистакӯз кор кардааст.

Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

● Дар партави Паёми Сарвари давлат

# Баҳси манзилу қаллобӣ аз мавзӯи асосии шикоятҳост

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон назди мақомоти сохторҳои давлатӣ вазифа гузошт, ки ҷиҳати таъмини риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» тадбирҳои судманд андешанд.**

Вобаста ба дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар рӯзи шанбе қабули шаҳрвандон ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади огоҳӣ ёфтан аз муроҷиат, даъвою дархости шаҳрвандон дар рӯзи қабул, ки бо ҳузури Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Абдуллоев, муовинони раис ва кормандони масъули Суди Олӣ доир гашт, хабарнигори рӯзнома иштирок намуд. Шаҳрвандон бо навбат ва дар алоҳидагӣ қабул мешуданд. Ин имкон медод, ки арзи онҳо ҳаматарафаю муфассал шунида шавад ва муайян гардад, ки қарору ҳалномаҳои судӣ то чӣ андоза ба талаботи қонунҳои ҷорӣ ҷавобгӯянд.

Муроҷиати шаҳрванди шаҳри Ваҳдат Лола Наҷмиева ва модараш Хайринисо Наҷмиева ҷиҳати норозӣ будан аз ҳалномаи судӣ шунида шуд. Аз он норозӣ мебошанд, ки бо ҳалномаи суди шаҳри Ваҳдат, ки он дар зинаи болоии суд бетағйир монда шудааст, келинашонро бо се кӯдакаш дар хонаи онҳо маскун кардаанд. Шаҳрванд Хайринисо Наҷмиева даъво дорад, ки хона бо пули ӯ харидорӣ шуда, онро ба номи духтараш ҳуҷҷатгузорӣ намудааст. Аммо дар рафти мурофиаи судӣ маълум шуд, ки хона қаблан дар номи писараш буда, ӯ бо зану фарзандонаш он ҷо зиндагии якҷоя доштаанд. Баъди аз ҳам ҷудо шудан зан ба суд муроҷиат намудааст, ки ӯ ва фарзандони ноболиғашро дар ин хона маскун намоянд. Суд ин талаби ӯро ба он ваҷҳ қонеъ гардондааст, ки ҳангоми зиндагии якҷоя молу мулк, аз ҷумла манзили истиқоматӣ моли муштараки зану шавҳар мебошанд. Ин аз муқаррароти қонунгузорӣ бармеояд.

Муроҷиати шаҳрванди ноҳияи Мӯъминобод Файзулло Нуров низ ба ҳамин монанд буд. Ӯ ҳам норозист, ки янгааш бо ҳалномаи суди ноҳия дар манзили онҳо маскун шудааст.

Бо ҳалномаи суди шаҳри Турсунзода шаҳрванд Ҳалима Ҷӯраева мебоист дар мӯҳлати муқаррарӣ аз манзили истиқоматӣ кӯчонда мешуд. Вай хоҳиш дорад, ки то ёфтани манзили нав ба ӯ мӯҳлати иловагӣ диҳанд.

Ҳангоми ба миён омадани баҳси манзилӣ бо қарори суд хариду фурӯши он боздошт мешавад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо ин тартиб, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузорӣ муқаррар шудааст, ба инобат гирифта намешавад. Бо роҳи фиреб ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ манзили зистро мефурӯшанд, ки ин сабаби баҳсҳои тӯлонӣ дар мақомоти судӣ мегардад.

Муроҷиати сокинони шаҳри Душанбе Ислом Холиқулов ва Дилором Саидова вобаста ба мушкилоти боло буд. Ин масъала дар суд мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Баъди хусусигардонии хобгоҳҳои умумӣ барои истиқоматкунандагони он душвориҳои нав ба миён меоянд. Қабл аз ҳама шахсоне ҳуқуқи зиндагӣ карданро доранд, ки бо соҳибмулкони он шартнома дошта бошанд. Бо ин ва дигар сабабҳо баъзе бошандагон аз чунин хобгоҳҳо берун мешаванд ва баҳс асосан аз чунин талабот ба амал меояд. Сокинони шаҳри Душанбе С.Зокирова ва Д.Амиршоев, ки дар чунин хобгоҳҳои баҳсӣ зиндагӣ доранд, аз ин хусус ба Суди Олӣ муроҷиат намуданд.

Мавзӯии муроҷиатҳои шаҳрвандон гуногун буд. Бо содир намудани ҷиноят бо ҳукми суд чандин нафар ба мӯҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум гаштаанд. Ҳукми судро вазнин ҳисобида, наздикону пайвандонашон ба Суди Олӣ муроҷиат менамоянд, ки ҷиҳати кам кардани мӯҳлати ҷазо парвандаҳо аз нав баррасӣ шаванд.

Бо ин мақсад шаҳрвандон Ҷ.Қосимов, М.Шоҳсаводбеков муроҷиат намуданд.

Аксари муроҷиаткунандагон ҷиҳати масъалаҳое баҳсу шикоят мекунанд, ки ҳоло парвандаи онҳо дар марҳилаи баррасӣ дар зинаҳои судӣ қарор доранд. Яъне, чунин парвандаҳо мавриди таҳлилу омӯзиш қарор ёфта, ҳалномаи аниқи он то ҳол баровараа нашудааст.

Дар рӯзи қабул Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Абдуллоев бо онҳо нисбат ба чунин парвандаҳо татбиқи талаботи қонунгузории ҷориро ҳамаҷониба фаҳмонд.

Дар он рӯз бештар аз 20 нафар вобаста ба масъалаҳои баҳси манзил, рӯёнидани алимент, бекоршавии ақди никоҳ, қаллобӣ ва ғайра ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуданд.

Дар сӯҳбати ошкоро арзу шикоят, даъвои ҳар нафар шунида шуд. Буданд нафароне, ки дар рафти сӯҳбат нисбат ба даъвои худ қонеъ шуданд. Даъвои қисме аз муроҷиаткунандагон ба инобат гирифта, мавриди омӯзиши иловагӣ қарор мегиранд.

Соли гузашта бевосита аз ҷониби раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 52 ҳолат 975 нафар ва муовинони раис дар 103 ҳолат 184 нафар шаҳрвандон қабул гардидаанд.

Соли 2011 ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2472 арзу шикоят ворид шудааст, ки аз ин ҳисоб 824 шикоят марбут ба парвандаҳои ҷиноятӣ, 1279 адад ба парвандаҳои гражданӣ буда, парвандаҳои оилавӣ 341 ва маъмурӣ 28 ададро ташкил медоданд.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

# Ҳайати ҶСК «Газпром» дар шаҳри Душанбе

Вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гул Шералӣ ва сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим бо гурӯҳи кории ҶСК «Газпром» ва ҶСП «Газпром EP INTERNATIONAL BV», ки бо роҳбарии аъзои Садорат - сардори Раёсати таъминоти газ, гази конденсат ва газу нафтии ҶСК «Газпром» В.В. Черепанов ва директори генералии ҶСП «Газпром EP INTERNATIONAL BV» В.Л. Гулев 6- уми феврали соли ҷорӣ ба шаҳри Душанбе ташриф оварданд, аз рафти корҳои пармакунӣ дар чоҳи №1-и Сариқамиш боздид ба амал оварданд. Баъд аз шиносоӣ бо рафти корҳо дар майдони мазкур вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гул Шералӣ бо ҳайати мазкур мулоқот анҷом дод, ки дар он масъалаҳои вусъат бахшидани корҳо, оғоз кардани корҳои ҷустуҷӯйиву геологӣ дар майдони нафту гази “Шоҳамбарии ғарбӣ”, ҳамчунин масъалаҳои дигари ҳамкориҳои дуҷониба мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Мавриди тазаккур аст, ки 6-уми феврали соли 2012 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 4-уми Кумитаи идоракунӣ оид ба назорат ҷиҳати иҷрои Созишнома оид ба принсипҳои умумии гузаронидани омӯзиши геологии қаъри замин дар майдонҳои ояндадори нафту гази Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он натиҷаҳои фаъолияти корҳои анҷомдодашуда дар соли 2011 ҷамъбаст ва нақшаҳо барои соли 2012 баррасӣ ва муайян гардиданд.

***Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***



# Истихроҷи ангишт зиёд ва таъминот беҳтар шуд

Истеҳсоли аз нақшаи солона барзиёди ангишт дар шароити зимистони тӯлонии имсола дар вилояти Суғд ба таъмини бештари аҳолӣ бо маводи зарурии сӯхт мусоидат кард. Тавре аз Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, корхонаҳои истихроҷи ангишти вилоят соли сипаришуда ба миқдори 21223,0 тонна ангишт истеҳсол карданд, ки 155,8 фоизи нақшаи солонаро ташкил медиҳад. Дар қаламрави вилояти Суғд панҷ корхонаи истихроҷи ангишт: ҶСШК «Ангишт» (шахтаҳои Шӯроб), КФ «Шахтаи «Фон-Яғноб», участкаи «Угольная»-и КМ «Анзоб», ҶММ «Ғузн» ва ҶММ «Дион ангишт Тоҷикистон» фаъолият мекунад.

ҶСШК «Ангишт» бо коркарди зеризаминии ангишт машғул буда, аз чуқурии зиёда аз 400-450 метр ангишт истихроҷ менамояд, ки якҷоя бо нигоҳдории иншооти зеризаминие, ки дарозиашон зиёда аз 32 км-ро ташкил медиҳад, хароҷоти зиёдро талаб менамояд. Ба ин нигоҳ накарда, корхона истихроҷи солонаи ангиштро ба 32,0 ҳазор тонна расонид.

Дар иҷрои нақшаи соли сипаригардида ҳиссаи корхонаи КФ «Шахтаи «Фон-Яғноб» (200,3 фоиз) назаррас буда, 33,9 фоизи ангишти дар ҷумҳурӣ истихроҷгардидаро маҳсулоти ин корхона ташкил дод. Бояд тазаккур дод, ки соли 2011 дар корхонаҳои соҳаи ангишти вилоят 107 ҷойи кории нав таъсис ёфт.

***Б. КАРИМОВ, «Садои мардум»***

# Корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ истеҳсоли маҳсулотро зиёд карданд

Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон вусъат бахшидани фаъолияти корхонаҳои масолеҳи сохтмониро дар вилояти Суғд мунтазам пайгирӣ намуда, соли сипаришуда дар ин самт ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардид. Тавре аз котиботи вазорат хабар доданд, соли 2011 дар вилояти мазкур дар соҳаи масолеҳи сохтмонӣ 40 корхона фаъолият намуд, ки 21,8 ҳазор тонна семент, 21,7 миллион дона хишти пухта, 3 миллион дона хишти хом, 8,7 ҳазор тонна гаҷ, 8,3 ҳазор $м^2$ тахтасанг, 28,3 ҳазор $м^3$ қуму шағал ва 225,6 ҳазор $м^2$ шишаи сохтмонӣ истеҳсол кардаанд.

Бо мусоидати бевоситаи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Қайроққум моҳи марти соли сипаришуда аввалин корхонаи шишабарорӣ ба фаъолият оғоз намуд, ки он намуди нави масолеҳи сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Иқтидори истеҳсолии корхона 1,3 миллион $м^2$ шишаи сохтмониро ташкил дода, дар он 150 ҷойи нави корӣ муҳайё гардид. Корхона дар соли 2011 ба маблағи 225,6 ҳазор сомонӣ шишаи сохтмонӣ истеҳсол намудааст.

Моҳи апрели солӣ гузашта дар ноҳияи Б. Ғафуров бошад, корхонаи нави хиштбарории ҶММ «Ободкори Хуҷанд» ба фаъолият оғоз намуд. Иқтидори истеҳсолии корхонаи мазкур 5,0 млн дона хиштро ташкил дода, дар он 20 нафар аҳолии маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин гардида, давоми сол ба миқдори 500 ҳазор дона хишти сохтмонӣ истеҳсол карда шудааст. Дар ноҳияи Мастчоҳ корхонаи хиштбарории ҶДММ «Ҳоҷӣ Мир Исмоил» бо иқтидори 5 миллион дона хишт дар як сол ба истифода дода шуд. Айни замон дар ин корхона 50 ҳазор дона хишти пухта ва 50 ҳазор хишти хом истеҳсол карда шудааст. Дар ин коргоҳ 12 ҷойи нави корӣ бунёд ёфт.

***Б. ИСМАТУЛЛОҲ,«Садои мардум»***




## Барои ҳосили фаровон омода мешаванд

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Имрӯзҳо дар хоҷагиҳои кишоварзии ҷумҳурӣ бо истифода аз рӯзҳои мусоид шудгори заминҳоро идома дода, барои кишти баҳорӣ омодагӣ мебинанд. Тавре аз Маркази матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, соли ҷорӣ дурнамои шудгори заминҳо 618015 гектарро ташкил медиҳад ва то санаи 6 феврал дар масоҳати 417832 гектар шудгор гузаронида шудааст, ки ин баробари 67,6 фоизи нақша мебошад. Шудгори заминҳо дар вилояти Хатлон 85 фоиз, вилояти Суғд 47 фоиз ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 57 фоизро ташкил медиҳад.

## Иқдоми соҳибкор

**ҒОНҶӢ. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Ба истиқболи 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ғонҷӣ бунёду мавриди баҳрабардорӣ қарор додани иншооти маъмурию иҷтимоӣ дар назар аст. Бино ба гуфтаи корманди масъули дастгоҳи раиси ноҳия Эгамназари Соҳибназар, дар деҳаи Қалъаи Мирзобой бо иқдоми соҳибкор Солеҳбой Юсуфов як маркази хизматрасонӣ бо тарзи замонавӣ ба истифода дода шуд. Дар он ҳама навъҳои хизматрасонӣ мавҷуд буда, нархҳояшон низ нисбатан арзон мебошад. Сохтмони ҳамин гуна нуқтаҳои хизматрасонӣ алҳол дар деҳоти Далёни поён ва «Тенагас» идома дорад.

## Дар зимистон ҳам ба бозор помидор мебароранд

**ДУШАНБЕ. (Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Бино ба иттилои фаврии Раёсати растанипарварии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ нақшаи кишт дар гармхонаҳои доимӣ 67,97 гектар буда, то имрӯз дар майдони 61,49 гектар кишт шудааст, ки баробари 90,5 фоиз мебошад. Аз ҷумла дар майдони 24,15 гектар помидор, 18,00 гектар бодиринг ва 19,34 гектар дигар намуди сабзавот кишт карда шудааст. То имрӯз аз гармхонаҳои ҷумҳурӣ 66,3 тонна помидор, 45,7 тонна бодиринг, 29,29 тонна дигар намуди сабзавот ҷамъоварӣ карда шудааст.

## Истеҳсоли сабзавот зиёд шуд

**ИСТАРАВШАН. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** -Ангурпарварон, боғдорон ва зироаткорони шаҳри Истаравшан соли 2011-ро бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст намуданд. Ҳосилнокии ангур аз ҳар гектар ба 65 сентнерӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли 2010-ум 17 сентнерӣ зиёд буда, истеҳсоли умумӣ ба 19 ҳазору 561 тонна расонида шуд, - гуфт зимни сӯҳбат муовини раиси шаҳри Истаравшан Комил Мирзоев. -Ҳамзамон 33 ҳазору 53 тонна меваҳои донаку тухмдор ҷамъоварӣ гардид. Майдони кишти картошка ва сабзӣ низ васеъ карда шуд. Дар натиҷа, дар хоҷагиҳо ва секторҳои шаҳр 48 ҳазору 912 тонна сабзавот истеҳсол ва ҷамъоварӣ гардид, ки нисбат ба соли 2010-ум 2 ҳазору 88 тонна зиёд мебошад.

## Ғамхорӣ ба ҳайвоноту паррандагон

**КӮЛОБ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Кишварамон табиати нотакрор дорад , ки ҳифзи он ба рушди олами наботот ва ҳайвонот, беҳтар гардидани вазъи муҳити зист ва ҷалби ҳар чӣ бештари сайёҳон мусоидат хоҳад кард. Дар минтақаҳои кӯҳии ноҳияҳои Шӯрообод, Ховалинг, Мӯъминобод ва Балҷувон беш аз 15 номгӯй ҳайвоноту паррандагони нодир ба қайд гирифта шудааст. Зимистони имсолаи ин манотиқ хеле сарду сербарф омад. Барои аз талафот эмин нигоҳ доштани ҳайвоноту паррандагон кормандони Муассисаи давлатии «Хоҷагии ҷангал»- и минтақаи Кӯлоб дар рӯзҳои боришоти зиёди барф ҳайвоноту паррандагонро бо хӯрок таъмин намуда истодаанд.

## Теъдоди беморон кам шуд

**ФАРХОР. (М. НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»)** - Боиси хушҳолист, ки дар ноҳия шумораи беморони касалии сил сол то сол коҳиш меёбад. Ба ин, пеш аз ҳама ба таври ҷиддию муташаккил ба роҳ мондани мубориза бар зидди ин беморӣ мусоидат намудааст, - мегӯяд Ҳазратқул Кавгов, роҳбари Маркази мубориза бо бемории сили ноҳия.

Мавриди зикр аст, ки бинои Беморхонаи маркази ноҳия аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ пурра таъмир гардида, ба маблағи 6 ҳазор сомонӣ таҷҳизоти нави рентгенӣ харидорӣ гардид. Аз ҳисоби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ба беморхонаи мазкур 4 400 сомонӣ барои таъмини беморон бо маводи табобатӣ ва ғизоӣ ҷудо гардид. Айни замон 135 бемори сил дар ноҳия ба қайд гирифта шудааст, ки 10 нафари онҳо бевосита дар беморхона табобат мегиранд.

## Тавлиди сегоникҳо ба оила нишот овард

**КӮЛОБ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Модари ҷавон Лутфия Акрамова, аз деҳаи Калоти деҳоти Даҳана, соҳиби ду писар ва як духтар шуд. Табибон вазъи саломатии модару тифлонашро хуб арзёбӣ карда, онҳоро таҳти назорати доимӣ қарор додаанд. Тавлиди сегоникҳо ба ин оилаи ҷавон шодию нишот овард. Аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб дар заминаи тадбирҳои сиёсати иҷтимоии Ҳукумати кишвар ба оилаи мазкур маводи ғизоӣ, аз қабили орд, равған, шакар, биринҷ ва ба модару кӯдаконаш сару либос кӯмак карда шуд. Намояндаи мақомоти мазкур ҳамзамон гуфт, ки ба аҳли оилаи Қурбоналӣ Назаров ва Лутфия Акрамова аз мавзеи Калот қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда мешавад.

## Театри халқӣ 50- сола шуд

**РӮШОН. (Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)** Ба таъсисёбии Театри халқии ноҳияи Рӯшон ба номи Ғ.Ғуломалиев 50 сол пур шуд. Ба ин муносибат дар толори театр ҷамъомади хотирмон бо иштироки аҳли ҳунар, собиқадорони фарҳанг, намояндагони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳияи Рӯшон доир гардид.

Муовини раиси вилоят Қиматгул Алибердиева ҳозиринро аз номи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Қодири Қосим табрик гуфта, зикр намуд, ки нақши ин театр дар тайёр намудани санъаткорони касбии на фақат ноҳияву вилоят, балки ҷумҳурӣ хеле арзанда ва шоистаи таҳсин аст. Қариб 50 нафар ҳунармандоне, ки дар солҳои гуногун дар саҳнаи ин театр баромад намудаанд, бо унвонҳои баланди сатҳи ҷумҳурӣ ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ қадрдонӣ гаштаанд.

Барои иштирокдорони ҷамъомад гулчине аз суруду таронаҳо ва асарҳои драмавӣ, ки дар солҳои гуногун дар саҳнаи театр намоиш дода шудаанд, пешкаш гардонда шуд.

***Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум».***

***Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

● Бунёдкорӣ

# Роҳбари хуб иқболи мардум аст,

## -мегӯянд дар урфият ва ё чанд сухан роҷеъ ба дастоварди меҳнаткашони ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тӯли чор соли охир

Мусаллам аст, ки ба пешравию муваффақият ноил гардидан, пеш аз ҳама ба роҳбари серғайрату ташаббускор ва дилсӯз вобаста аст. Ҳамин аст, ки тӯли се -чор соли охир ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ рӯ ба пешравӣ ниҳода, дар соҳаи кишоварзӣ, саноат, сохтмон, маориф ва дигар самтҳои ҳаёти ҷомеа ба дастовардҳои арзанда ноил гардид.

Соли 2007 ҷавонмарди таҷрибаю малакаи хуби роҳбаридошта, яке аз дастпарварони мактаби таҷрибаи пешқадами худи ноҳия Хӯҷамурод Фазлиддинов сарвари ноҳия таъин гардид. Мавсуф, ки дар ноҳия ба камол расидаю истеъдоди роҳбарӣ омӯхта буд, ба вазъи ҳаёти ноҳия ва сокинони он аз наздик ошноӣ дошт. Аз лаҳзаҳои аввали фаъолияти хеш ташаббусеро рӯйи кор гирифт, ки ба ривоҷу равнақи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳия мусоидат намуд. Мардум дар симои раис марди баору серғайратро мединанд.

Раис ба ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки имрӯз маҳаки пешбарандаи коранду дар онҳо масъулият барои иҷрои сарибактии корҳо дучанданд, эътибори махсус медод. Дар ин муддат шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ду ҳазор расонида шуда, маҳсулнокии кори онҳо дучанд афзоиш ёфт.

Дар урфият мегӯянд, ки роҳбари хуб иқболи мардум аст. Воқеан ҳам ҳамин тавр аст, зеро Хӯҷамурод Фазлиддинов тавонист ба боварии мардуми ноҳия сазовор шаваду иқболи баланди онҳо гардад. Шабҳои бехобӣ, талошҳои пайваста, ҷустани усулҳои тозаи манфиатовари кор, такя ба кадрҳои кордону болаёқат боиси амалӣ гардидани нақшаҳояш шуданд. Ёд дорам, дар яке аз ҷамъомадҳояш, ки сухан аз бобати роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии соҳаи зироатпарварӣ мерафту дар он мутахассисони соҳа ширкат варзида, ҳисобот медоданд, раис баромад намуда, андешаҳои хешро мушаххас манзури ҳозирин намуд. Ному насаби зироаткорони пешқадамро, ки аз заминҳои хоҷагии худ ҳосили дилхоҳ ба даст оварда буданд, як -як ба забон оварда, онҳоро барои дигарон намунаи ибрат нишон дод. Дар анҷом аз академики рус К.А. Тимирязев иқтибос оварда, гуфт: «Касе, ки ба ҷойи як хӯша ду хӯша рӯёнда метавонад, сазовори эҳтироми аҳли башар мегардад».

Меҳнаткашони ноҳия тавонистанд солҳои охир бо ҷидду ҷаҳд ва талошҳои самаровар зери роҳбарии оқилонаи раиси худ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро дучанд афзун намоянд. Чун ба дастовардҳои онҳо дар давоми роҳбарии Хӯҷамурод Фазлиддинов шинос мегардӣ, эҳсос мекунӣ, ки заҳматкашони ноҳия пайваста сазовори комёбиҳои тоза мешаванд. Зиндагӣ бошад, таровати тозаеро соҳиб гардида, рӯзгори мардум ҳамарӯза беҳтару рангинтар мешавад. Масалан, соли 2008 музди миёнаи коргарон (моҳона) 133 сомонию 49 дирамро ташкил медод, имрӯз бошад, он ба 242 сомонию 54 дирам расидааст. Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ёздаҳ моҳи соли 2011 ба 244454,5 ҳазор сомонӣ расонида шуд. Дар ин давра ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ низ боло рафт. Назорати дуруст ва мунтазам аз кори корхонаҳои саноатӣ воқиф гардидану онҳоро бо таҷҳизоти нави муосир ҷиҳозонидан самараи дилхоҳ дод. Дар давоми чор соли охир ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ аз 23770 ҳазор сомонӣ ба 54812, 7 ҳазор сомонӣ расонида шуд. Дар ноҳия маблағгузории асосӣ 55,8 фоиз, корҳои сохтмону васлкунӣ 50,2 фоиз, фондҳои асосӣ 42,7 фоиз нисбати солҳои қаблӣ баланд бардошта шуд.

Ёдрас шудан бамаврид аст, ки раис дар қатори дигар соҳаҳои рушдкунандаи ноҳия, инчунин ба шароити кору фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, бахусус зиндагии омӯзгорон, эътибори махсус медиҳад. Мунтазам аз вазъи таълиму тарбия бохабар гардида, барои рафъи камбудиҳо тадбирҳои мушаххас меандешад. Ба сохтмону аз нав бунёд намудани синфхонаҳои иловагӣ пайваста талош менамояд. Натиҷаи ҳамин талошҳо буд, ки соли гузашта Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъи тантанавӣ дари мактаби нави замонавиро ба рӯйи омӯзгорону хонандагон кушод. Ба қарибӣ дар деҳаи «Қаҳрамон»-и хоҷагии 20 -солагии Истиқлолият мактаби дуошёнаи ба таври замонавӣ бунёдёфта мавриди истифода қарор гирифт. Ҳамин тариқ, дар чор соли охир 7 мактаби нав сохта, ба истифода дода шуд. Бинои мактаби калонтарини ноҳия – мактаби рақами 54 мавриди таҷдид қарор гирифта, системаи гармидиҳии он аз нав барқарор карда шуд. Алҳол сохтмони бинои нави литсей ва ҳашт синфхонаи иловагӣ дар мактаби рақами 27 босуръат идома дорад. Бо маблағи буҷети маҳаллӣ хобгоҳи омӯзишгоҳи касбӣ –техникии рақами 17 пурра азнавсозӣ гардида, барои ба мактаби таҳсилоти умумӣ табдил додани он охирин корҳои сохтмонӣ анҷом мёбад. Баъди ба истифода додани ин таълимгоҳ, дар он метавонанд 1200 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шавад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия баҳри беҳтар намудани вазъи саломатии аҳолӣ диққати ҳаматарафа медиҳад. Дар тӯли соли гузашта аз ҳисоби буҷети ноҳия барои харидани дору 121 ҳазор сомонӣ ва барои хӯрока 154 ҳазор сомонӣ масраф карда шуд. Дар маҷмӯъ, соли 2011 барои соҳаи тандурустӣ 3 миллиону 874 ҳазору 674 сомонӣ ҷудо гардид.

Солҳои охир бо ташаббус ва дастгирии ҳамаҷонибаи раиси ноҳия соҳаи фарҳанг низ рӯ ба пешравӣ ниҳод. Санъаткорони ноҳия анъанаҳои беҳтарини устодони худ Одина Ҳошимов, Файзалӣ Ҳасанов, Озодамоҳ Мӯҳтарамова, Шокири Қодир, Абдусалом Раҳимов, Олимҷон Азимов ва дигаронро ҳамвора пос дошта, барои рушду нумӯи он пайваста дар талошу ҷустуҷӯянд. Соли сипаришуда барои такомули соҳа 323 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид.Ба маблағи 6 ҳазор сомонӣ Филармонияи халқӣ аз таъмир бароварда шуда, барои санъаткорон ва тамошобинон шароити мусоид фароҳам гардид. Дар ин давра ба маблағи 30 ҳазор сомонӣ қасри маданияти деҳоти ба номи Калинин азнавсозӣ ва ба андозаи 15 ҳазор сомонӣ китобхонаҳо таъмир ва китобҳои тозанашр харидорӣ шуд. Натиҷаи муносибати дилсӯзона ба соҳа буд, ки санъаткорони Филармонияи халқии ноҳия соли рафта ба 26 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ сафари ҳунарӣ намуда, аз ҷониби тамошобинон хуб пазироӣ ёфтанд.



Мусаллам аст, ки имрӯз ба ҷойи кор таъмин намудани мардум, алалхусус ҷавонон, мушкилоти рӯз маҳсуб меёбад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия тавассути барномаи дарихтиёрдошта, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, ҳалли ин мушкилотро пайваста думболагирӣ менамояд.Давоми соли 2011 дар ноҳия 1625 ҷойи нави кор таъсис ёфта, 326 нафар шаҳрвандони бекор ба кор таъмин шуданд. Дар баробари ин, дар ноҳия маркази таълимӣ созмон дода шудааст, ки аз рӯйи 4 намуди касбу ҳунар мутахассис тайёр мекунад. Масалан, то имрӯз 125 нафар шаҳрвандони бекор аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, соҳиби касб гардиданд.

Солҳои охир симои шаҳраку деҳоти ноҳия ба худ ҳусну таровати тоза зам мекунад. Бунёди биноҳои нави замонавӣ, гулгашту хиёбонҳо, марказҳои маданӣ – маърифатӣ симои шаҳраку деҳотро дилкаш намудааст. Ҳар сол дар маъракаи кабудизоркунӣ мардум муташаккилона ба ҳашар баромада, дар кӯчаву қади роҳҳо ҳазорҳо бех ниҳоли сояафкану ороишӣ мешинонанд.

Барои таъмири роҳҳо, кӯчаҳо ва кабудизоркунии шаҳрак дар соли 2011 аз буҷети маҳаллӣ 40 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид. Дар давоми сол дар ноҳия 116 манзили истиқоматӣ, нӯҳ иншооти маданӣ-маишӣ сохта, мавриди истифодбарӣ қарор дода шуд. Зиёда аз 116 километр роҳҳои автомобилгарди аҳамияти маҳаллидошта, кӯчаҳои шаҳрак таъмир, як километр роҳу кӯча асфалтпӯш шуданд. Дар маҷмӯъ, ба маблағи 20 миллиону 106 ҳазор сомонӣ таъмиру сохтмон ба иҷро расонида шуд, ки нисбат ба нақшаи дурнамо 12 миллиону 126 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Дар корҳои ободгардонӣ метавон саҳми Корхонаи сохтмонии рақами 39, ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди «Носир» ва «КСМБ» -ро ба забон овард.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия солҳои охир барои беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти ташкилоту муассисаҳои хизматрасон, аз ҳамаи роҳу усулҳои судманд бо самар истифода мебарад. Натиҷа ҳамин аст, ки дар давоми сол дар 235 нуқтаҳои фурӯш ва мағозаҳои Ҷамъияти матлуботи ноҳия ба аҳолӣ ба ҳаҷми 2 миллиону 198 ҳазор сомонӣ хизмат расонида шудааст, ки ин нишондод дар нисбати нашқаи дурнамо дучанд зиёд аст. Барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ дар худуди ноҳия панҷ нуқтаи фурӯши гази моеъ, 27 нуқтаи фурӯши ангиштсанг, нӯҳ нуқтаи фурӯши сӯзишвории дизелӣ фаъолият доранд.

Бояд зикр кард, ки яке аз соҳаҳои асосӣ ва муҳими иқтисодиёти ноҳия ин соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Ҳаминро ба инобат гирифта, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия дар ин самт аз дастуру супоришҳои Президенти мамлакат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба самаранок истифода бурдани замин, васеъ ба роҳ мондани кишти такрории зироатҳо, зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ, ривоҷ додани боғу токпарварӣ, баланд бардоштани маҳсулоти чорво илҳом гирифта, корро дучанд ҷоннок намуда истодаанд.

Истеҳсоли маҳсулоти полезӣ 112,3 фоиз, картошка 100,1 фоиз, сабзавот 117,9 фоиз ва истеҳсоли мева 118,9 фоизро ташкил дод. Маблағгузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ зиёд гардида, аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо ба ин соҳа 6 миллиону 356 ҳазор сомонӣ равона шуд.

Натиҷаҳои мабалағгузории оқилона, самаранок истифода бурдани замин имкон ба миён овард, ки ҳосилнокии пахта сол аз сол баланд гардад. Ҳосилнокӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии «Хоксор», «Насиба» ва «Ифтихор» аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 35-40 сентнериро ташкил намуд. Бахшҳои дигари кишоварзӣ низ хеле фаъол гардид. Дар ноҳия Барномаи давлатии рушди соҳаи боғу токпарварӣ тадриҷан амалӣ мешавад. Соли гузашта дар майдони 250,5 гектар боғу токзори нав бунёд гардида, 5 гектар боғу токзорҳои кӯҳна аз нав барқарор шуд. Боғҳои тозабунёд аллакай ба ҳосил даромаданд. Аз боғҳои навбунёд 860 тонна мева ва 1116 тона ангур ҷамъоварӣ шуд.

Ҳамаи ин нишондодҳо шаҳодати онанд, ки солҳои охир заҳматкашони ноҳия бо шарофати роҳбарии дурусту оқилонаи сарвари пурғайрату ташаббускори худ ҷониби комёбиҳои наву умедбахш, бо қадамҳои устувор пеш мераванд. Зери ин рақамҳои фараҳбахш шабҳои бехобӣ, ҷидду ҷаҳд, масъулият ба кору вазифа ва садоқат ба миллату Ватан ниҳон аст.

Бале, вақте ки ба мардум наздик мешавию якҷоя амал мекунӣ, табиист, ки кор пешраву бобаракат мегардад. Воқеан ҳам халқ гавҳаршинос аст, неку бадро зуд дарк мекунад.

***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум». Абдулҳалим САЛИМЗОДА, рӯзноманигор***

● Коррупсия- амали номатлуб

# ВАҚТЕ СОҲИБМАНСАБ ДАР ҒАМИ МАНОФЕИ ХУД АСТ...

***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2011 ва вазифаҳо барои соли 2012 таъкид доштанд, ки риояи қатъии қонуният ва таъмини волоияти қонун, роҳ надодан ба сӯиистифода аз мансаби хизматӣ, беэътиноӣ ва кашолкорӣ дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдорони ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, аз ҷумла ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва ташкилоту корхонаҳо, ки бевосита бо мардум сарукор доранд, яке аз шартҳои зарурӣ ва муҳими оромии ҷомеа мебошад.***

***Воқеан амалу рафтори баъзе шахсони масъули мақомоти давлатӣ нигаронкунанда буда, боиси норозигӣ дар ҷомеа мегардад.***

Дар сӯҳбат директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаттоҳ Саидов гуфт, ки бо мақсади тақвияти фаъолият дар самти мубориза бар зидди тасарруфи маблағҳои буҷетӣ, инчунин таъмини назорати хароҷоти шаффоф, самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, қарзҳои давлатӣ ва грантҳо (қарзҳои бебозгашт) соли 2011 мутахассисони мақомоти назорати давлатии молиявии Агентӣ тибқи нақшаи корӣ, супоришҳои Президенти мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, марказҳои идораи барномаҳои лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидории давлатӣ 1335 тафтишу санҷиш гузаронида, ба маблағи 107,2 млн. сомонӣ зарари молиявиро ошкор намуданд.

Дар рафти тафтишу санҷишҳои молиявӣ 75,5 млн. сомонӣ ё 70,4 фоизи зарари ошкоргардида ба давлат баргардонида шуд. Агентӣ дар 48 вазорату кумитаҳои ҷумҳурӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 496 тафтишу санҷишҳои молиявӣ гузаронида, ба маблағи 59,4 млн. сомонӣ зарари молиявӣ ошкор кард, ки 38,1 млн. сомонии он барқарор карда шуд. Муайян гашт, ки роҳбарони як қатор вазорату идораҳо ҳоло ҳам ба истифодаи ғайримақсадноки маблағу воситаҳои давлатӣ роҳ медиҳанд. Дар натиҷаи беназоратии роҳбарони вазорату кумитаҳо ва корхонаву муассисаҳои давлатӣ 4,8 млн. сомонӣ маблағҳои буҷетӣ ғайримақсаднок истифода шудааст. Ҳамзамон дар фаъолияти вазорату кумита ва сохторҳои тобеи онҳо як қатор камбудию норасоиҳои ҷиддӣ, аз ҷумла камомад, тасарруфи воситаҳои пулӣ ва молу маводи арзишнок ошкор шуд, ки аз беназоратӣ ва бемасъулиятии роҳбарону мутасаддиёни соҳа шаҳодат медиҳад.

Хусусан камбудию норасоиҳои ҷиддӣ дар корхонаю муассисаҳое, ки ба воситаи суратҳисоби транзитӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ мешаванд, мушоҳида мегарданд.

Санҷиш дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони кару гунги ноҳияи Рӯдакӣ муайян намуд, ки аз ҷониби директори мактаб ва сармуҳосиб бо роҳи ба даромад ворид накардани пули нақд дар ҳисоботи хазинавӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ дар варақаҳои пардохти музди меҳнат 380 ҳазор сомонӣ аз худ карда шудааст.

Таҳлили фаъолияти Агентӣ дар соли 2011 собит сохт, ки камбудию норасоиҳои зиёди молиявӣ, хусусан дар соҳаҳои энергетика ва саноат, кишоварзӣ, мелиоратсия ва захираҳои об, нақлиёт, маориф ва тандурустӣ, хадамоти гумрук, алоқа ва ғайра роҳ дода шудаанд.

Санҷиш дар хоҷагии зотпарварии ба номи Тӯйчӣ Эрйигитови ноҳияи Ашт муайян намуд, ки аз 15 ҳазору 123 сар чорвои майда 7 ҳазору 500 сари онро, ки 1 млн. 714 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, тасарруф намудаанд.

Ҳарчанд давоми се соли охир хоҷагӣ аз ҷониби сохторҳои назоратӣ 7 маротиба, аз ҷумла мақомоти прокуратура 4 маротиба мавриди санҷиш қарор гирифта бошад ҳам, кормандони Агентӣ дар хоҷагӣ зарари молиявиро ба маблағи 2 млн. 419 ҳазор сомонӣ ошкор намуданд. Дар рафти тафтиши фаъолияти молиявии хоҷагӣ 2581 сар чорвои тасарруфшуда барқарор гардид.

Чунин камбудиҳо дар дигар соҳаҳо низ ошкор шуданд.

Чунончӣ, санҷиши дурусти хусусигардонии Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи дорои махсуси конструкторию технологии мошинсозиро мисол меорем. Тафтиш муайян намуд, ки дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаи мазкур бар хилофи қонунҳои амалкунанда ба ҷамъияти саҳомӣ табдил дода шудааст. Саҳмияҳои ба давлат тааллуқдоштаи ҷамъият кам нархгузорӣ шудаанд. Дар натиҷа корхона ба маблағи 115 ҳазор сомонӣ фурӯхта мешавад. Баъди ин корхонаи бузургро бо чунин маблағи кам харидорӣ кардан онро ба як шаҳрванди Ҷумҳурии Қазоқистон ба маблағи 250 ҳазор доллар фурӯхтаанд. Ин корхона асосан ба Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дошт.

Корхонаи мазкурро дар бонк ғайриқонунӣ ба гарав мемонанд ва бо баҳонаи дар мӯҳлати муайян баргардонда натавонистани қарзи бонк биноро ба ивази қарз месупоранд.

Дар асоси ҳалномаи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 августи соли 2011 воситаҳои асосии корхона ба амволи давлатӣ гузаронда шуд.

Бояд гуфт, ки бинои ин корхона аз 8 ошёна иборат буда, масоҳаташ 11 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад. Қитъаи замини ишғолнамудаи бино бештар аз 2 гектар аст. Акнун хулоса бароред, ки бинои 8- ошёна бо чунин масоҳату ҳашамат 115 ҳазор сомонӣ (тақрибан 25 ҳазор доллар) нархгузорӣ шудааст. Ин маблағ танҳо арзиши хонаи як ё дуҳуҷрагиро дораду халос.

Дар ин муддат аз ҷониби сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ 1199 (соли 2010-ум- 1005) ҷинояти коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд ошкор шудааст, ки 416-тои онро ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ташкил медиҳанд. Аз ҷумлаи ҷиноятҳои ошкоргардида 683-тоаш ҷиноятҳои дуздӣ бо роҳи азонихудкунӣ, исрофкорӣ ва қаллобӣ мебошад. Инчунин 73 адад ҷиноятҳои сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ ва баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, 89 адад ҷиноятҳои гирифтан ва додани пора, 11 адад ришвадиҳии тиҷоратӣ ва 22 адад гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ ошкор гардидаанд.

Муфаттишони Агентӣ тафтишоти пешакии 328 парвандаи ҷиноятиро нисбат ба 427 айбдоршаванда бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ба итмом расонида, барои моҳиятан баррасӣ кардан ба суд ирсол намуданд. Зарари моддии бо парвандаҳои ҷиноятии мавриди тафтиш қарордодашуда 46 396 825 сомониро ташкил медиҳад, ки дар рафти тафтиши пешакӣ маблағи 21 883 952 сомонии он рӯёнида шудааст.

Аз ҳисоби умумии ҷиноятҳои ошкоргардида 152-тои онро кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ содир намудаанд.

Порсол содиршавии 11 ҳолати ҷиноят аз ҷониби 7 нафар вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо ба қайд гирифта шуд. Мутаассифона, баъзе кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки худ масъули мубориза бо коррупсия мебошанд, ба содир намудани ҷиноятҳои коррупсионии вазнин ва махсусан вазнин даст задаанд. Дар ҳамин давра 57 ҷинояти коррупсионӣ аз ҷониби 43 нафар корманди Вазорати корҳои дохилӣ, 18 ҷиноят аз ҷониби 13 нафар корманди Вазорати адлия, 12 ҷиноят аз ҷониби 10 нафар корманди Кумитаи андоз, 14 ҷиноят аз ҷониби 13 нафар хизматчии Вазорати мудофиа, 12 ҷиноят аз ҷониби 9 нафар корманди Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, 9 ҷиноят аз ҷониби 5 нафар корманди мақомоти прокуратура, 6 ҷиноят аз ҷониби 3 нафар корманди мақомоти судӣ (Шӯрои адлия), 5 ҷиноят аз ҷониби 5 нафар корманди Хадамоти гумрук, 2 ҷиноят аз ҷониби 3 нафар корманди Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 ҷиноят аз ҷониби 1 нафар корманди Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва мавриди тафтишоти пешакӣ қарор дода шудаанд.

Тафтиши пешакӣ муайян намуд, ки сардори шӯъбаи мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъадори Раёсати мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддири Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон подполковники милитсия Зафар Мирзоев дар хариду фурӯши ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар даст дорад. Ҳоло нисбати ӯ ва дигар ҳамроҳонаш парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, тафтишот идома дорад.

Дар натиҷаи андешидани чораҳои мушаххас оид ба пешгирии хариду фурӯш ва истифодаи ғайриқонунии замин дар давоми соли 2011-ум 220 ҷинояти хусусияти коррупсионидошта ошкор карда шуд, ки мавриди тафтиши пешакӣ қарор доранд.

Ҳамчунин аз ҷониби кормандони Агентӣ 687 адад ҳуқуқвайронкунии маъмурии хусусияти коррупсионидошта ошкор карда, ба маблағи умумии 487 630 сомонӣ ҷарима татбиқ карда шуд, ки 476 929 сомонии он то давраи ҳисоботӣ рӯёнида шудааст.

Ҳамзамон тайи соли гузашта бо мақсади пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар мавриди хизмати якҷояи хешовандони наздик дар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, 23 ҳолати вайрон кардани талаботи моддаи 9-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ошкор ва бартараф карда шуд.

Ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамкорӣ бо комиссияҳои танзими анъана ва ҷашну маросимҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пурзӯр карда шуд. Дар натиҷа 60 ҳолати вайрон намудани талаботи Қонуни мазкур ошкор гардид. Маводҳои тартибдода дар судҳо баррасӣ гардида, нисбати шахсони гунаҳгор ҷарима татбиқ шудааст.

-Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,- гуфт дар фарҷоми сӯҳбат Фаттоҳ Ғоибович- бо мақсади тақвият бахшидан ба фаъолияти хеш ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини иҷрои барномаҳои зиддикоррупсионӣ тамоми чораҳои зарурӣро меандешад.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

---

**Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли пешин иқдоми хубе нишон дод: Доир ба фаъолияти сохторҳои гуногуни хеш чанд фосила пас чорабиниҳо ороста, намояндагони воситаҳои ахбори оммаро даъват мекард. Имсол ҳам чунин иқдом идома ёфт. Ин дафъа рӯзноманигорон доир ба фаъолияти обу ҳавосанҷҳо аз наздик шинос шуданд.**

● Дақиқияти пешгӯиҳои обу ҳавосанҷӣ

# БАРФИ ЛАКЛАКӢ, БОРОНИ СЕЛ ВА БОДИ АФҒОНӢ

Дар ҳар минтақаи кишвар майдончаҳои ҷудогонаро дидан мумкин аст, ки он ҷо асбобҳои оддӣ, лек аҷиб насб шудаанд. Болои симчӯби баланд фирфирак ба назар мерасад. Ҳини вазидани шамол фирфирак ба самти шамол тоб хӯрда, ба гардиш медарояд. Поёни фирфирак бошад, як таҷҳизоти дигар овезон аст. Шамол, ки вазид, вай боло шудан мегирад. Ҳамин тавр, ин асбобест, ки самт ва шиддатнокии шамолро муайян месозад. Дар чунин майдонча болои пояҳои оҳанин, аз сатҳи замин дар баландии ду - се метр қуттии на чандон калонро дидан мумкин аст. Даруни он ҳароратсанҷ, яъне термометр меистад. Ҳар рӯз чанд маротиба ягон нафар корманди масъул дафтар дар даст омада, дариҷаи қуттиро мекушояд ва нишондодҳои ҳароратсанҷро навишта мегирад. Ҳамчунин самт ва шиддатнокии шамолро дар дафтар сабт мекунад. Дар ин майдончаҳо асбобҳои дигар ҳам ба назар мерасанд, ки дараҷаи намнокии ҳаво ва ғайраро муайян месозанд.



Ҳамин тавр, маълумот доир ба вазъи обу ҳаво, тағйирёбии ҳарорат аз ҳар гӯшаи кишвар дар чунин майдончаҳо ғун шуда, ба марказ интиқол мегардад. Пас дар асоси таҳлили маълумотҳо вазъи обу ҳавои кишвар барои чанд рӯзи наздик муайян ва ба аҳолию идораҳои дахлдор расонида мешавад.

Бо роҳбаладии масъулини кумита ба нуқтаи обу ҳавосанҷии пойтахт, воқеъ дар наздикии маҳаллаи 103-юми пойтахт ташриф меорем. Нуқта масоҳати зиёдро фаро гирифтааст. Тавре ишора рафт, ин ҷо низ ҳар гуна асбобҳои обу ҳавосанҷӣ ба чашм мерасад, балки бештар.

- Нуқтаи обу ҳавосанҷии мо аз соли 1946 инҷониб фаъолият дорад, - гуфт сарвари он Бод Ҳомидов. – Ва онро нуқтаи аэрологӣ ном мебаранд. Чунки дар ин ҷо қабати нисбатан болоии ҳавои муҳити зист санҷидаю омӯхта мешавад. Аз рӯйи таъинот, мо ҳарорати ҳаво, намнокӣ, миқдори боришот, бухоршавии об ва вазиши шамолро муайян мекунем. То соли 1995 мо асосан аз рӯйи таъинот фаъолият доштем. Яъне, қабати болоии ҳавои муҳити зист бештар омӯхта мешуд. Ҳар рӯз чанд маротиба ба ҳаво пуфаки махсус сар медодем. Дар поёни он таҷҳизот насб буд. Он имкон медод ҳавои қабати болоӣ омӯхта шавад. Ин барои парвози ҳавопаймоҳо басо муҳим аст. Алҳол имкон надорем корҳои аэрологиро пурра ба ҷо орем. Мутахассисон ва маблағ намерасад, вале аз ин рӯҳафтодаю ноумед нестем. Роҳбарияти имрӯзаи кумита тамоми чораҳоро андешида истодааст, ки фаъолияти мо чун пештара босамар бошад.

- Номатон аҷибу камёфт, - ба сарвари нуқта муроҷиаткунон, ба таври шӯхӣ мегӯяд нафаре аз рӯзноманигорон.

- Номро раҳматии модарам ба ман гузоштааст, - бо лабханд посух медиҳад Бод Ҳомидов. – Шояд ҳамин ном сабаб шуду тақдирам ба соҳаи обу ҳавосанҷӣ пайваст гардид. Ҳангоми ҷавонӣ Техникуми гидрометеорологии шаҳри Тошкандро хатм кардам. Имсол чилу шаш сол мешавад, ки дар ҳамин соҳа фаъолият дорам ва аз интихоби пеша пушаймон нестам.

Пас аз шиносоӣ бо фаъолияти нуқтаи мазкур, бо сарвари он Б. Ҳомидов хайрухуш намуда, ҳамроҳи масъулини кумита сафарро идома медиҳем. Масъулин моро ба Муассисаи давлатии обу ҳавошиносии кумитаи мазкур гирифта меоранд. Дар ин ҷо муовини сарвари муассиса Саидаҳмад Дӯстов ба мо роҳбалад мешавад. Ҳамроҳаш ба Маркази мониторинги муҳити зисти муассиса меоем. Чанд нафар хилъати сафед ба тан шишачаҳои гуногунро муоина доранд.

- Марказ дорои ташхисгоҳ буда, дар ин ҷо дараҷаи ифлосшавии обҳои рӯйизаминӣ ва ҳавои муҳити зист муайян карда мешавад, - мегӯяд С. Дӯстов ва ҷавонзанеро ба мо шинос мекунад. – Ана, ин кас роҳбари марказ Гулбаҳор Саидова. Хуб мешуд, дар бораи фаъолияти марказ худашон гап зананд.

- Маркази мо дар ду самт фаъолият дорад, - ба ҳозирин рӯ оварда гуфт Г.Саидова. – Дар ин ҷо то чӣ андоза ифлос шудани об ва ҳаворо аз рӯйи маълумоти ғуншуда муайян мекунем. Аз 34 нуқтаи гуногуни 24 дарёҳои ҷумҳурӣ намунаҳо гирифта, ташхис гузаронда мешавад. Дар натиҷаи ташхисҳо дараҷаи ифлосшавии обҳои рӯйизаминӣ муайян мегардад. Мувофиқи ташхисҳои гузаронидаи мо, дараҷаи ифлосшавии обҳои рӯйизаминӣ ба меъёр мувофиқ аст.

- Ташхиси обҳо чанд муддат пас сурат мегирад? – пурсон мешаванд аз роҳбари марказ рӯзноманигорон.

- Моҳе як бор.

- Пас ифлосшавии шабакаҳои бообтаъминкунии аҳолии шаҳрҳоро чӣ тавр муайян кардан мумкин?

- Ин дигар масъала аст, - ба гуфтугӯ ҳамроҳ шуда мегӯяд Саидаҳмад Дӯстов.- Ҳар шаҳр ва шаҳрак обанбори худро дорост, ки аҳолиро бо об таъмин мекунад. Он ҷо кормандони идораҳои санитарию эпидемиологӣ ба таври доимӣ ҳолати тозагии обро назорат мекунанд.

- Порсол назорат аз болои ифлосшавии ҳаво дар шаҳрҳои Душанбе, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд, Турсунзода ва ноҳияи Спитамен, ҷамъ дар панҷ нуқта ба роҳ монда шуд, - ба нақлаш идома дода гуфт Г. Саидова. – Айни ҳол дар нуқтаҳои мазкур ҳолати ифлосшавии ҳаво пайваста зери назорат буда, натиҷаҳо дар сомонаи электронии муассисаамон ҷойгиранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дараҷаи ифлосшавии ҳаво дар нуқтаҳои зикргардида аз меъёр зиёд нест.

Пас аз шиносоӣ бо кору фаъолияти кормандони маркази номбурда, Саидаҳмад Дӯстов рӯзноманигоронро ба шӯъбаи пешгӯиҳои обу ҳавосанҷӣ гирифта овард.

- Шӯъбаро дили муассисаамон гӯем ҳам, хато намешавад, - ба фаъолияти шӯъба рӯзноманигоронро шиноскунон гуфт С. Дӯстов. – Маълумотҳои фаврӣ аз 53 нуқтаи обу ҳавосанҷии кишвар маҳз ба ин ҷо ворид шуда, таҳлил мегардад. Пасон дар асоси таҳлилу хулосаҳо пешгӯии обу ҳаво фароҳам меояд.

- Пешгӯиҳои мо танҳо дар асоси маълумотҳои аз нуқтаҳои обу ҳавосанҷӣ ба мо расида сурат намегирад, - ба сӯҳбат ҳамроҳ шуда гуфт роҳбари шӯъба Ҷамила Убайдуллоева. – Мо бо ҳашт марказҳои обу ҳавосанҷии кишварҳои олам робитаи доимӣ дорем. Ба воситаи интернет, радифҳои маснӯи замин маълумот дар бораи вазъи обу ҳаво, харитаҳои иқлимро мегирем. Ҳамаи ин омӯхта ва таҳлил мегардад. Баъд хулоса мебарорем, ки тағйирёбии иқлими кишварҳои дигар ба обу ҳавои диёрамон чӣ таъсир расонида метавонад. Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаи маълумотҳо вазъи обу ҳаво пешгӯӣ карда мешавад. Аз ин хотир кор дар шӯъбаи мо тариқи шабонарӯзӣ идома дорад.

Пас аз шиносоӣ бо фаъолияти сохторҳои гуногун рӯзноманигорон ба маҷлисгоҳи муассиса даъват шуданд. Сарвари муассисаи давлатии обу ҳавошиносӣ Маҳмад Сафаров аз рӯзноманигорон таассуроташонро аз натиҷаи диданҳо пурсон шуда, худ чунин гуфт:

- Дар шароити кунунӣ соҳаи обу ҳавосанҷӣ бобати пешрафти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ нақши басо муҳим дорад. Масалан, шумо аз як гӯша ба гӯшаи дигари кишвар сафар кардан мехоҳед. Хусусан дар фасли зимистон. Пас, бисёр донистан мехоҳед, ки вазъи обу ҳаво дар рӯзҳои наздик чӣ гуна хоҳад буд? Гӯшаки радиоро тоб медиҳед ё ба оинаи нилгун нигоҳ меафканед. Маълумоти лозимаро ҳамарӯза ба воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла радио ва телевизион мерасонем, то ин ки аҳолӣ сари вақт аз тағйирёбии вазъи обу ҳаво воқиф гардад.

Мавқеи ҷуғрофии кишварамон таврест, ки ҳодисаҳои ғайриоддии табиӣ, аз қабили фаромадани тарма, ярч, селборон, боридани жола, обхезӣ, чангу ғубор ва ғайра, вобаста ба фаслҳои сол, тез – тез рӯй медиҳад. Ҳамаи инро пешгӯӣ ва оҷилан ба диққати аҳолӣ, идораҳои дахлдор расондан лозим. Ба ин васила тадбирҳои лозима сари вақт андешида хоҳанд шуд. Дақиқияти пешгӯиҳои мутахассисони муассисаи мо имрӯз ба 90 фоиз баробар аст.

Алҳол тамоми шӯъбаҳои муассисаи мо бо таҷҳизоту техникаи муосир ба қадри зарурӣ таъмин аст. Инчунин ба тарбияи мутахассисони худӣ машғулем. Ҳоло якчанд нафар ҷавонон дар макотиби олии кишвар ва хориҷа ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Умед аст, ки пас аз таҳсил ба сохторҳои гуногуни кумита баҳри фаъолият омада, дар пешрафти соҳаи обу ҳавосанҷии кишвар саҳми арзанда мегузоранд.

Пас аз шиносоӣ бо фаъолияти кормандони Муассисаи давлатии обу ҳавошиносӣ ба Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргаштем. Назди бинои кумита раиси он Талбак Салимов рӯзноманигоронро пешвоз гирифт. Чун шиноси қарин бо ҳар нафар даст дода, вохӯрӣ намуд. Аз натиҷаи сафар, таассуроти ба даст оварда пурсон шуд. Ҳамчунин зикр намуд, ки дарҳои кумита ба рӯйи рӯзноманигорон доимо кушода ва кормандони он барои ҳамкорӣ ҳамеша омодаанд.

***Толибшоҳи ДАВЛАТ,***
***«Садои мардум»***

---

● Мавзӯи рӯз

# Осудагӣ аз озодагӣ аст

***«Инсон ягона махлуқест, ки аз мавҷудияти худ барои худаш проблема месозад ва дар ҳалли он низ оҷиз мемонад.»***

**Эрих Фромм**

Маданияти рӯзгордории ҳар як оила аз остонаи дари ҳавлиаш баҳогузорӣ мешавад. Яъне, агар даромадан замон ба тозагӣ рӯ ба рӯ шавед, ба хулосаи қатъӣ меоед, ки бонуи хонадон ба тозагию озодагӣ ва покизагӣ майли зиёд дорад ва одами ҳалолкор аст. Ба ҳамин монанд ҳар як меҳмони хориҷӣ, ки шумораи онҳо имрӯз дар афзоиш мебошад, ба ҳар як маҳалу минтақа ва дар маҷмӯъ ба тамоми миллат, бо мушоҳида аз рафтору гуфтор, дараҷаи тозагию ободонии шаҳру деҳ, кӯчаю хиёбонҳояш баҳогузорӣ менамояд. Гап бошад, сари он меравад, ки мо, сокинони ҷумҳурӣ, ин ҳама шарту талаботро то куҷо риоя ва иҷро менамоем?

Мавзӯи пайгирикардаи мо нав набуда, дар нигоҳи аввал чандон ҷиддию муҳим ҳам наменамояд. Ҳадаф аз пайгирӣ бозгӯйии нақш, зарурату аҳамияти шиору овезаҳо, хушдору огоҳиҳои сари ҳар қадам бо мақсади риояи тозагию озодагӣ, пок нигоҳ доштани муҳити зист, ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихӣ, пешгирии исрофкорӣ дар мавриди истифодаи газу барқ, об ва амсоли он дар зиндагии ҳаррӯзаи мову вокунишҳоямон ба онҳо мебошаду бас. Агар дурусттар зеҳн монем, кулли он навиштаҷот, на ба хурдсолони мӯҳтоҷи тарбия, балки калонсолон нигаронида шудаанд, одамони калонсоле, ки бешубҳа соҳиби оила, фарзандонанд ва ҳар лаҳзаву ҳар соату рӯз ба онҳо аз боби тарбия гап мезананд, дар хона ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ба фарзандонашон муомила ва рафтори некро меомӯзонанд. Таъкид медоранд, ки аз амалҳои зишт, одамони бадгуҳар, кори ношоиста ва ба шаъни инсонӣ нолоиқ дурӣ ҷӯянд. Ин ҳама ба хотири он аст, ки одамони сазоворро дар симои фарзандонашон ба камол расонанд. Вале бадии кор дар он аст, ки маҳз қисмати зиёди ҳамин гуна тарбиятдиҳандаҳо, бахусус дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ба гуфтаҳои худ содиқ намемонанд. Аз худашон дуртарро дидан нахоста, бовар кардан намехоҳанд, ки ба тозаю озода нигоҳ доштани берун аз хонаву дари худ низ ҳамчун шаҳрванд масъул ва ҷавобгар мебошанд. Маҳалла, деҳа, шаҳру ноҳияе, ки кору зиндагӣ менамоянд, хонаи умумии онҳост. Онҳову фарзандонашон аз ҳавои он нафас мекашанд, аз файзу баракаташ бархӯрдор мегарданд, аз зебоиҳояш баҳра мебаранду бинобар вазифадор ҳастанд, ки дар масъалаи тозаю озода нигоҳ доштани ҳар ваҷаб замини он бетарафиро ихтиёр накунанд. Дар ободу зебо нигоҳ доштани кӯчаю хиёбонҳои шаҳру деҳаи азизи худ ҳиссагузор бошанд, ба он чун ба хонаи худ эҳтиром гузоранд. Алалхусус, дар замони муосир, ки бо тақозои шароиту пешрафт теъдоди биноҳои бисёрошёна афзоиш ёфта, дар масъалаи риояи тозагию озодагӣ бо айби худи бошандагони онҳо мушкилоти зиёде пеш омадааст.

Гузаштагони мо, бахусус момоҳои мо, ки умрашон дар деҳаҳо гузаштааст, одати хуби аҷдодиро бекаму кост риоя менамуданд. Субҳи барвақт, ки ҳанӯз ҳама аҳли хонавода ва маҳалла дар хобанд, онҳо рӯбучин ва об пошиданро на аз даруни хонаву ҳавлии худ, балки берун аз он, яъне аз дарвозаи ҳавлӣ берун оғоз мекарданд ва инро вазифаи ҷониву ифтихории худ мехисобиданд. Агар фаразан, зане дар ин бобат танбалию коҳилӣ зоҳир мекард, мавриди сарзанишу маломати ҳамсояҳо қарор мегирифт ва номаш ба чиркинӣ машҳур мешуд. То ба ҳадде ки ҳамсояҳо аз хӯрдани нону хӯроки ӯ тайёркарда худдорӣ менамуданд.

Аҷибаш он аст, ки касе чунин зану духтарони озодаро ба ин кори бемузд маҷбур намекунаду супориш ҳам намедиҳад, магар шавҳарон, ки аксаран низ баробари дамидани субҳ аз хона берун мешаванд, вале ин таъсири ҳамон тарбияи неки гирифтаашон аз овони хурдсолӣ мебошад. Ҳамагон медонем, ки дар даврае кулли мардуми заҳматкаши тоҷик аз боиси бесарусомонӣ, кашмакашу лашкаркашиҳои зиёд имконияти дурусти саводомӯзиро надошт. Аммо он инсонҳои оддӣ бо вуҷуди академику профессор набуданашон дар хунашон маърифату фаросати модарзодӣ доштанд.

Хушбахтона, ин одати нек то ба имрӯз дар деҳотҷой боқӣ мондааст ва риоя мегардад, вале он қисмати фарзандону наберагони чунин занҳои озодаю покизакор, ки акнун шаҳрнишин гардидаанд, аз ин анъанаи нек ор мекардагӣ шудаанд. Риояи онро фақат дар дохили хонаи худ муҳим медонанду бас. Он тарафашро вазифаи мақомоти маҳаллӣ медонанд. Дар шаҳрҳои тараққикардаю даромади иқтисодиашон зиёд рӯбучини гирду атрофи чунин маҳаллаҳои аҳолинишин ба дӯши хоҷагиҳои коммуналӣ вогузор шуда, коргарони муайяне дар мисоли фаррошҳо аз пушти ин амал маош мегиранд. Дар шаҳрҳои хурду буҷеташон ночиз ин гуна мавзеъҳо ба ҳукми тақдир ҳавола шудаанд. Сардори кордони биное, ки тариқи навбат, ҳашар, тозагии атрофи биноро таъмин намояд хуб, набошад, вой бар ҳоли ин гуна мавзеъ. Ин ҳолати ҳузнангезро қариб дар ҳама шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баръало мушоҳида намудан мумкин аст, ки ҳаргиз ба фоидаи обрӯю манзалати миллат нест. Ҳол он ки дар ҳама ҷо мо бо ифтихор ҷор мезанем, ки ориёинажодему аз миллати мутамаддин ва бисёр халқияту миллатҳои олам фарҳангу одоби рӯзгордориро аз мо ба мерос гирифтаанд. Баҳс намекунем, вале мусаллам аст, ки то ҷое мо худ аз ин ҳама дуртар шудаем. Исботи ин суханҳоро сари ҳар қадам, аз ҷумла дар пойтахти мамлакатамон – шаҳри Душанбе дидан мумкин аст. Шаҳре, ки ҳамарӯза ба қавле қадами меҳмонони хориҷи дуру наздик аз он канда нест. Пас, онҳо аз ин мушоҳидаҳои ҳузнангез бо худ чӣ таассуроте мебурда бошанд?

Ҳатто дар канори кӯчаву хиёбонҳои шаҳр, ба ҳар ҷойи ростомада афгандани партовҳои рӯзгорро дучор омадан мумкин аст, ҳол он ки барои ин ҷойҳои махсус, қуттиҳои алоҳида ташкил ва тавассути навиштаҳои таъкидомез хоҳиш карда шудааст, ки партовҳоро дар ҷойҳои махсус, то соати фалон бояд партоянд, то коргарону мошинҳои партовбар онҳоро сари вақт бардошта бурда тавонанд. Дар амал чӣ? Боз таъкид карда мешавад, ки дар сурати вайрон кардани қоидаи партовпартоӣ ба маблағи 50, 100 ва 300 сомонӣ ҷарима баста мешавад. Ҳамин ҳам асар намекунад. Дар ҳолати ба даст афтидану ҷаримабандӣ шудан, доду фарёди шахси гунаҳкор аз «беадолатӣ» то ба осмон дакка мехӯрад. Ҳол он ки барои як тартиби оддиро риоя кардан танҳо фаросат доштан лозим асту бас. Ба ҳамин монанд ба шиорҳои «Меҳнати фаррошонро ҳурмат кунед!», «Ба тозагӣ риоя кунед!», «Бачаҳоро беназорат нагузоред!», «Ба маълумоти сокинони бино расонида мешавад, ки дар бино наворбардор (камера) насб карда шудаасту дар сурати риоя накардани қоидаҳои санитарӣ ба шахси гунаҳкор ҷаримаи калон баста мешавад!», «Қувваи барқро сарфакорона истифода намоед!», «Дарахтонро набуред!», «Табиатро ҳифз намоед!», «Баъди анҷоми рӯзи корӣ хомӯш кардани барқ ва асбобҳои барқиро фаромӯш накунед!», «Ба оташбозии кӯдакон роҳ надиҳед!», «Дарро пӯшед!», «Хоҳишмандем, ки пеш аз даромадан пойафзолҳоятонро тоза кунед!», «Шишаҳои истгоҳҳоро нашиканед!», «Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ носу сигор кашидан манъ аст!» ва монанд ба ин шиору овезаҳое ҳастанд, ки аз мо риоя кардани ин ё он қоида ва ё муқарраротро тақозо мекунанд.

Инҳо навиштаҷотеанд, ки сирф бо мақсади пешгирии амалҳои номатлуб бо сарфи вақту маблағи дар нигоҳи аввал назарногир, вале дар асл бениҳоят зиёд навишта шудаанд. Оё харҷи беҳудаи маблағ ин исрофкорӣ нест? Дар сурати намондани эҳтиёҷ ба навиштаҳое ба чунин мазмун, мумкин аст он маблағҳоро барои дигар корҳои ободонӣ сарф намуд.

Бо ин мақсад аз шоҳбайтҳои шоирони классику муосир низ васеъ истифода мешавад, ки иқдоми хеле хуб буда, бобати тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи зебоипарастӣ, ободкорӣ, ифтихори баланди ватандорӣ, маърифатомӯзӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ хизмати як устод ва шояд мактаберо ба ҷо оварад. Ҳамчунин завқу маърифати адабию фарҳангии пиру ҷавонро сайқал медиҳад. Мавриди чунин шиору овезаҳо дареғи маблағе набояд гуфт, зеро чунин навиштаҷот ҳусни шаҳрро боло бардошта, завқи баланди миллати тоҷикро ба шеъру суханҳои воло баррасӣ менамояд. Чунончӣ:

***Зи ҷӯе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,***
***Нашояд фикандан бар он сангу хок.***

Ростӣ, барои далели суханҳои боло мисоли зиёде овардан мумкин аст. Вале аз рӯйи мақоли «Ба доно ишора, ба нодон калтак» қаноат мекунем. Аздусар як идда аз одамон ба ин навиштаҷот аҳамияте надода, кори худро кардан мегиранд. Барои роҳҳои гузар, саҳни биноҳои хидматӣ, истиқоматӣ, бозору мағозаҳоро рӯфта тоза кардан фаррошони бечораи маошашон ночизро хотиррасон намуда, пӯчоқи офтобпарасту писта, пасмондаи сигору меваҳои хӯрдашуда, қуттичаҳои холии яхмос, носу папирос ва ба ҳамин монанд лату патҳоро рӯйи роҳ партофта, хиҷолате ҳам намекашанд.

Аксаран нисбати сарватҳои моддӣ, боигариҳои табиат ношукрӣ зоҳир менамоем. Дидаю диниста ба оби пок, равону муқаддас, ки бе он ҳаёт вуҷуд дошта наметавонад ва дар кураи замин ҳар дақиқаву сония даҳҳо одамон аз беобӣ ба ҳалокат мерасанду миллионҳои дигар азият мекашанд, ҳар гуна наҷосат мепартоем. Намеандешем, ки дар поёноб дигарон аз он нӯш мекунанд ва заҳролуд мешаванду ҳатто ба марг мувоҷеҳ мегарданд. Мебинем, ки дар ин масъала на панду андарзҳои бузургон, на ҳукмҳои шаръӣ, на шиору навиштаҷот таъсире намебахшад. Вайронкорию харобсозӣ ҳамоно идома доранд. Беҳтарин назоратчӣ виҷдон ва инсофи кас мебошад. Ба одами бефаросату бетарбия чизе таъсир намекардааст. Он гуна ки шоир фармудааст:

***Партави некон нагирад ҳар кӣ бунёдаш бад аст,***
***Тарбият ноаҳлро чун гирдакон дар гунбад аст.***

Дар ҷои дигар бошад, шоир маҳз ба ҳамин қабил одамон ишора намуда, бо нафрати зиёд навиштааст:

***Ку адофаҳме, ки бо абрӯ кунам кори забон,***
***То ба кай бо сифлатабъон ришҷунбонӣ кунам?***

Чӣ хуб мебуд, агар баъди хондани ин сатрҳо ҳар касе боре ҳам бошад, ба рафтору кирдори худ аз назари танқид менигарист ва пайи ислоҳ мешуд, чунки дар ниҳояти кор ё инсонҳо одатҳои бадашонро мепартоянд ё одатҳои бад инсонҳоро ба вартаи мусибату нокомиҳо меафкананд.

***Мирзо РУСТАМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

● Мусоҳибаи мо

# ТАТБИҚИ КОНСЕПСИЯ БА РУШДИ СОҲА МУСОИДАТ МЕКУНАД

*Хабарнигорамон доир ба фаъолияти Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» бо директори генералии он Алимурод Тагоймуродов ҳамсӯҳбат гардид.*



**- Мӯҳтарам Алимурод Тағоймуродов, иҷрои кадом намуди хизматрасонӣ бар ӯҳдаи корхона вогузор шудааст ва КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» соли гузаштаро чӣ гуна ҷамъбаст намуд?**

-КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» бо мақсади пешбурди сиёсати ягонаи истифодабарӣ ва ҳамоҳангсозии соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ташкил шуда, масъалаҳои ислоҳот, рушду азнавсозии соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии коммуналӣ, болоравии сатҳи истифодабарӣ ва нигоҳдории фонди манзил, корҳои ободонӣ, тозагии санитарӣ дар шаҳрҳо ва маркази ноҳияҳои ҷумҳурӣ (ба ғайр аз шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Роғун), таъмини гармӣ, обтаъминкунӣ ва канализатсия, бақайдгирии техникии иншооти гуногунро ба ӯҳда дорад. Ҳамаи ин корҳо самтҳои ҳаётан муҳим ба шумор рафта, ба таври комплексӣ рушди соҳаи хоҷагии манзилию коммуналиро дар ҳама самтҳои фаъолият талаб менамояд.

Соли 2011 ба истифодабарандагон дар ҳаҷми 71993,7 ҳазор сомонӣ хизмати гуногуни коммуналӣ расонида шуд. Маблағи даромад аз ҳисоби хизматрасониҳои корхонаҳои соҳаи манзилию коммуналӣ 29086,7 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010-ум 17,6 фоиз зиёд аст.

Бахри иҷрои супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2008 таҳти №22/27-1 КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» корхонаҳои соҳаи хоҷагии манзилию коммуналиро вазифадор намуда буд, ки ҷиҳати ташкили заминҳои хоҷагии ёрирасон ва гармхонаҳо барои парвариши гулу гулбутта ва ниҳолҳо хоҷагиҳо ташкил намоянд. Дар ин самт кори зиёд амалӣ мешавад.

Ҷоиз ба зикр аст, ки корхонаҳои коммуналӣ то оғози мавсими зимистонгузаронӣ 770,4 тонна ангишт, 540 м$^3$ ҳезум, 262 тонна намак, 1617 тонна қум, 17 ҳазор литр сӯзишворӣ захира карданд, ки барои мақсадҳои пешбинишуда дар ҳолатҳои зарурӣ ва фавқулодда истифода мешавад. Дар ин давра корхонаҳои соҳа 277 адад техникаи махсус ва воситаҳои нақлиётиро таъмир намуда, аз санҷиши давлатӣ гузаронида, ки онҳо пурра омодаи коранд.

Ғайр аз ин, корхонаҳои системаи обтаъминкунӣ таъмири ҷории 80 адад насоси обкаш, 130 адад таҷҳизоти барқии муҳофизати заминӣ, 55 адад трансформаторро ба анҷом расонида, 90 км ҷоҳу хатҳои канализатсияро тоза карданд.

Корхонаҳои соҳаи бақайдгирии техникӣ соли 2011 ба муштариён ба маблағи 14174 ҳазор сомонӣ хизмат расониданд. Дар шаҳри Норак, ноҳияҳои Вахш, Спитамен, Нуробод, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мастчоҳ, Ҷиликӯл ва Балҷувон корхонаҳои фаръии бақайдгирии техникӣ таъсис ва 61 нафар бо ҷойи нави кор таъмин шуданд.

Барои баланд бардоштани коэффисенти афзункунандаи арзиши хизматрасониҳои бақайдгирии техникии қитъаҳо, биноҳо, иншоот, шабакаҳои муҳандисӣ ва иншооти ободонӣ, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» коэффисиентро ба андозаи «12,28» таҳия карда, бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа намуд. Коэффисиенти мазкур бо фармони КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» тасдиқ гардида, ба корхонаҳои фаръии бақайдгирии техникӣ барои корбарӣ расонида шуд, ки дар натиҷа даромаднокии корхонаҳои соҳаи мазкур нисбат ба нақшаи пешбинишуда 28,6 фоиз зиёд гардид.

**- Аз рӯйи кадом барнома ва лоиҳаҳо барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ба ҷо оварда мешавад?**

- Бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ яке аз самтҳои асосии афзалиятноки фаъолияти соҳа мебошад. Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006 таҳти №514 бо мақсади таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби нӯшиданӣ «Барномаи беҳтар намудани вазъи таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020» тасдиқ шуд, ки он аз чор сарчашма – маблағҳои мутамаркази ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ, инвесторон ва аз ҳисоби маблағҳои худии соҳа маблағгузорӣ мешавад.

Инчунин таҷдиду барқарорсозии системаҳои обтаъминкунӣ тибқи қарору супоришоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои мутамаркази ҷумҳуриявӣ низ иҷро карда мешаванд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин мақсадҳо соли 2011-ум ба КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» маблағи 5 млн. сомонӣ пешбинӣ намуда буд, ки маблағҳои мазкур пурраву мақсаднок азхуд шуданд. Аз ин ҳисоб иншоотҳои «Таҷдид ва барқарорсозии системаи канализатсияи ноҳияи Данғара», «Таҷдид ва барқарорсозии системаи канализатсияи шаҳри Б.Ғафуров» ва иншооти «Балоиҳагирӣ ва барқарорсозии системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Хоруғ» ба истифода супорида шуданд.

Дар соҳа «Лоиҳаи рушди инфраструктураи маҳаллӣ (коммуналӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба маблағи 16,5 млн. доллари ИМА татбиқ мегардад, ки аз тарафи Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мегардад. Давоми давраи татбиқи ин лоиҳа дар 8 шаҳру ноҳияи ҳомили ин лоиҳа (Конибодом, Истаравшан, Ғарм, Ваҳдат, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Восеъ ва Данғара) марҳилаи дуюми сохтмону барқарорсозӣ муваффақона ба анҷом расид.

Бахри анҷоми марҳилаи сеюми лоиҳа ва вобаста ба маблағгузории иловагӣ барои дигар шаҳру ноҳияҳои марбути лоиҳа, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ба Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуд. Дар натиҷа, тарафи Бонки Умумиҷаҳонӣ оид ба иловатан маблағгузорӣ намудани системаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи ноҳияҳои Фархор ва Восеъ ба ҳаҷми 7,5 млн доллари ИМА ҳавасмандӣ изҳор гардида, бо ширкати мушовирӣ барои гузаронидани тадқиқоти иқтисодӣ-техникӣ шартнома ба имзо расонида шуд ва кори лоиҳавию тадқиқотӣ дар ноҳияи Фархор оғоз гардид.

Бо маблағгузории Раёсати Ҷопонӣ оид ба ҳамкориҳо - «JAICA» барқарорсозии системаи обтаъминкунии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ амалӣ шуда истодааст.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои байни КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) ба роҳ монда, дар натиҷа оид ба татбиқи Лоиҳаи «Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои ҷануби Тоҷикистон», ки ба он шаҳру ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Данғара шомиланд, созишнома ба имзо расид ва аз тарафи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) ба ин мақсад маблағи 6 млн. 172 ҳазор долл. ИМА (2 млн. доллари ИМА қарз, 4 млн. 172 ҳазор долл. ИМА грант) ҷудо гардида, як қатор корҳои харидории техникаҳои махсуси коммуналӣ ва таҷҳизоти зарурӣ барои муайян намудани сифати об барои корхонаҳои обтаъминкунии шаҳру ноҳияҳои пилотӣ, иҷрои корҳои ташхиси гидрогеологӣ дар мавзеи Корези ноҳияи Данғара ба иҷро расид.

**- Шумораи зиёди аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот зиндагӣ доранд. Феълан чанд фоизи мардуми деҳот бо оби ошомиданӣ таъминанд ва дар ин самт иҷрои кадом корҳо пешбинӣ шудааст?**

- Тибқи тадқиқоте, ки дар ҳамкорӣ бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маблағгузории як қатор институтҳои молиявии хориҷии муқими Тоҷикистон дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ гузаронида шуд, муайян гардид, ки дар ҷумҳурӣ 7537,9 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат менамоянд ва аз ин шумора 2217,7 ҳазор нафар ё 29,4 фоиз дар шаҳрҳову шаҳракҳо ва 5320,2 ҳазор нафар ё 70,6 фоизи аҳолӣ дар деҳот истиқомат менамоянд. Тадқиқот маълум намуд, ки аз шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ 48,6 фоиз, ки дар 1815 нуқтаҳои аҳолинишин истиқомат мекунанд, ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд.

Дар баробари ин 51,4 фоизи аҳолӣ ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надорад, ки асосан аҳолии деҳот мебошанд. Бо назардошти ҳолати мазкур, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» бахри барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо як қатор ташкилотҳои сармоягузори хориҷӣ гуфтушунид ба анҷом расонидааст. Дар доираи Лоиҳаи «Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои шимоли Тоҷикистон», ки ба он шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Исфара, Қайроққум, Б.Ғафуров, Чкалов ва Табошар шомиланд, Созишномаи Кредитӣ (Қарзӣ) байни КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ба имзо расид, ки маблағи умумии он 22 млн. 720 ҳазор доллари ИМА (10 млн. доллари ИМА кредит (қарз) ва 12 млн. 720 ҳазор долл. ИМА грант)-ро ташкил медиҳад.

Бахри татбиқи Лоиҳаи мазкур барои иҷрои корҳои дастгирии Гурӯҳи Татбиқи Лоиҳа (ГТЛ) ва Тараққиёти Корпоративӣ ва Барномаи ҳамкории дуҷониба бо тарафҳои ҳавасманд озмуни интихоби ширкатҳои мушовирӣ аз тарафи БАТР ва КВД «ХМК» гузаронида шуд. Ғолибони озмуни мазкур ширкатҳои мушовирии «Seureca» (Фаронса) оиди қисмати Тараққиёти Корпоративӣ ва Барномаи ҳамкории якҷоя бо тарафҳои ҳавасманд ва «Ernst Basler» (Швейсария) оиди қисмати дастгирии гурӯҳи татбиқи лоиҳа интихоб шуда, шартномаҳои тарафайн ба имзо расид ва фаъолияти ширкатҳо ҷиҳати татбиқи лоиҳа оғоз ёфт.

Соли 2011 аз тарафи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ҷиҳати барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру ноҳияҳои Ҷалолиддини Румӣ, Норак, Ёвон ва Ховалинг, ки дар доираи марҳилаи дуюми Лоиҳаи барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои ҷануби Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст, ҳавасмандӣ изҳор шуд.

Бо Раёсати Ҷопонӣ оид ба ҳамкориҳо - «JAICA» барои маблағгузорӣ намудани барқарорсозии системаҳои обтаъминкунии ноҳияҳои Панҷ ва Носири Хусрави вилояти Хатлон гуфтушунид баргузор ва барои таҳия намудани лоиҳа ба ин ташкилот ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва дархостҳои лоиҳавӣ пешниҳод гардиданд. Мувофиқи нақша корҳои омодагии лоиҳа дар семоҳаи аввали соли 2012 оғоз мешавад.

Инчунин барои дастгирӣ ва маблағгузорӣ ба ташкилоти «OXFAM»-и Британияи Кабир Лоиҳаи дархостӣ ва ташхиси иқтисодӣ-техникӣ барои барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳраки Ленинградӣ ноҳияи Мӯъминобод пешниҳод гардид ва корҳои маблағгузорӣ баъди гузаронидани омӯзиши ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ва муайян намудани ташкилоти маблағгузор оғоз мегарданд.

Қобили зикр аст, ки Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ҳавасмандии худро ҷиҳати маблағгузорӣ намудани корҳои барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Шаҳристон, Зафаробод ва Истаравшани вилояти Суғд, ки дар доираи марҳилаи дуюми Лоиҳаи Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои шимоли Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст, низ изҳор намуд. Моҳи декабри соли 2011 ҷиҳати татбиқи лоиҳаи мазкур Созишномаи грантӣ ба имзо расонида шуд, ки аз тарафи Сарраёсати Швейсарӣ оид ба ҳамкорӣ маблағгузорӣ мегардад.

Бахри барқарорсозии системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳрҳои маркази Тоҷикистон, ки ба он шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Шаҳринав, Ҳисор ва Рӯдакӣ шомил мебошанд, санаи 15 ноябри соли 2011 Созишномаи қарзӣ, Созишномаи дастгирии Лоиҳа ва Созишномаи кафолатӣ байни Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ва раисони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои номбаршуда ба имзо расонида шуда, корҳо ҷиҳати интихоби ширкатҳои мушовирӣ барои омода намудани лоиҳа амалӣ гашта истодаанд.

**- Хоҳишмандам қабули Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2010-2025 шарҳ диҳед.**

- Қабули Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2025 тақозои замон аст.

Ба ҳолати то 1 июли соли 2010, яъне то қабули Консепсияи мазкур, дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки ба минтақаи хизматрасонии КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» шомиланд, 54 партовгоҳ мавҷуд буд, ки иншооти мазкур бе омодагӣ ва сохтмони роҳҳои даромаду баромад, бе маҳкам кардани атрофи сарҳади иншоот ва бе кандани ҷоҳҳои зери хок намудани партовҳо барои истифодабарӣ ба корхонаҳои коммуналӣ супорида шуда буданд. Аз ин партовгоҳҳои амалкунанда танҳо дар 21 адад ё 40 фоизашон пурра безараргардонии партовҳо ба роҳ монда мешуду халос.

Бо мақсади таҷдиду барқарорсозии партовгоҳҳо, ташкили кори аз нав коркард намудани партовҳои сахти маишии як қатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» лоиҳаҳои инвеститсионӣ таҳия намуда, ба ташкилотҳои молиявии хориҷӣ пешниҳод карда, дар ҷустуҷӯи донорҳо қарор дорад.

Дар мувозинаи 32 корхонаи махсуси обтаъминкунӣ ва 20 корхонаи коммуналӣ, ки дар ихтиёрашон қитъаҳои обтаъминкунӣ доранд, 51 адад иншооти обгирӣ, 287 ҷоҳи артезианӣ, 103 иншооти оби тоза, 46 стансияи насосии кӯталҳои 2, 3 ва 4-ум мавҷуд буд. Дарозии шабакаҳои обтаъминкунӣ 2294 км-ро ташкил дода, аз он 1372 км (56,8 фоиз) ба барқарорсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Инчунин ҳолати ногувори техникии мошинҳои махсуси соҳа ташвишовар аст. Тӯли 10-15 соли охир парки техникаҳои махсуси соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ амалан нав карда нашуда буд. Аз шумораи умумии техникаҳои махсус 27 фоизашон барои истифодабарӣ корношоям гардида, қисми зиёдашон мӯҳлатҳои 2 ва 3-юми истифодабариро гузарондаанд. Аз рӯйи ҳисобҳои меъёрӣ, барои корхонаҳои соҳа харидорӣ намудани беш аз 300 техникаи махсуси коммуналӣ зарур мебошад.

Ҳамин ҳолатҳоро ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2010 бо қарори таҳти №321 Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2025-ро тасдиқ намуд.

Аз тарафи КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар доираи вазифаҳое, ки аз татбиқи Консепсияи мазкур бармеоянд, дар давраи аз моҳи декабри соли 2010 то моҳи марти соли 2011 бо дастгирии молиявии Барномаи ЮСАИД (ИМА) «Ташаббуси рушди маҳал» ва ташкилоти OXFAM (Британияи Кабир) «Лоиҳаи обтаъминкунӣ ва санитария дар Тоҷикистон» оид ба муайян намудани ҳолати хизматрасонии обтаъминкунӣ ва санитария тадқиқот гузаронида шуд. Тадқиқот 17 шаҳр, 57 шаҳрак, 4114 деҳаро, ки воқеъ дар 58 шаҳру ноҳияи ҷумҳуриянд, дар бар гирифт.

Мутобиқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳияи Барномаи соҳавӣ ва минтақавии рушди хоҷагии манзилию коммуналӣ барои давраи то соли 2025 гурӯҳи корӣ таъсис шудааст ва дар ин самт кори зиёд ба анҷом расонида мешавад.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

## Олами китоб

### Нашриёти нав таъсис ёфт

Дар сохтори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона» таъсис ёфт.

-Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар баробари ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим, ба рушди соҳаи табъу нашр низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Мақсади таъсиси нашриёти нав ин амалисозии дастур ва супоришҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси ҳар чӣ бештар ба табъ расонидани адабиёт барои кӯдакону наврасон, таъмини кӯдакистону таълимгоҳҳои мамлакат бо китоб ва адабиёти таълимии зарурӣ ва ба ин васила мусоидат ба раванди таълиму тарбияи бачагон мебошад. Фаъолияти асосии муассиса ба нашри адабиёт барои тарбиятгирандагони муассисаҳои томактабӣ, толибилмони мактабҳо ва ҷавонон нигаронида шудааст. Умед дорем, ки бо таъсиси нашриёти «Адабиёти бачагона» фаъолияти табъу нашр дар соҳаи адабиёт барои кӯдакону наврасон беҳтару хубтар хоҳад гардид,- гуфт ба хабарнигорамон директори Муассисаи навташкили «Адабиёти бачагона», узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, нависанда Наҷмиддин Салоҳиддинзода.

### Омодагиҳо оғоз ёфтанд

Дар Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагонаи ба номи Мирсаид Миршакар омодагӣ барои гузаронидани Фестивали анъанавии умумиҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон» оғоз ёфт. Аъзои кумитаи тадорукоти фестивал аллакай ба таҳияи барномаю нақша, дастурамалҳо шурӯъ карданд. Имсол ба барномаи фестивал маҳфилу мулоқотҳо бахшида ба 100 - солагии Шоири халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакар ва 15 - солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ низ ворид карда мешавад. Фестивал аз 2 то 9 апрели соли ҷорӣ дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ доир мегардад.

### Хӯшае аз ҳар гӯшае

Муассисаи нашриявии «Ирфон» нахустин маҷмӯаи нависандаи ҷавон Нарзуллои Олим (Сабо)-ро таҳти унвони «Хӯшае аз ҳар гӯшае» ба табъ расонд.

Муаллифи китоб дар навиштаҳояш тазодҳои зиндагиро инъикос карда, ба хонанда панд медиҳад, ӯро хушдор месозад ва ба иҷрои амалҳои шоиста даъват мекунад. Аз китоб одамони синну солашон гуногун метавонанд баҳраманд шаванд.

***Б. КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

● Олимони мо

# КИШОВАРЗШИНОС



Қурбоналӣ Партоев дар деҳаи Машконаки ноҳияи Рашт ба дунё омада, соли 1973 шӯъбаи агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистонро бо дипломи сурх хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ ба сифати корманди хурди илмӣ дар шӯъбаи генетика ва селексияи пахтаи Институти илмӣ-тадқиқотӣ «Зироаткор» ба кор қабул шуд. Давоми солҳои 1973-1982 дар ҳамин институт корҳои илмиро оиди дурагакунии пахта ва ба даст овардани навъу дурагаҳои нави пахта гузаронида, дурагаҳои кӯраккалон, лучтухм ва гулаш намешукуфтаро зери роҳбарии профессор Александр Александрович Шахов (аз Москва) ва номзади илми биология, ходими калони илмии соҳаи генетика ва селексияи пахта Назирхон Мансуров ба даст овард. Моҳи майи соли 1982 рисолаи илмиашро «Оиди ба даст овардани дурагаҳои серҳосили пахта» дар шаҳри Тошкент, дар Институти умумииттифоқии селексия ва генетикаи пахта, ҳимоя намуд. Натиҷаҳои ба дастовардаи олими ҷавон дар соҳаи пахтапарварӣ, махсусан ба даст овардани дурагаҳои серҳосил, ба касалиҳо тобовар, тезпаз ва бо дигар нишонаҳои аҷиби ирсӣ ҷолиби диққат буданд. Махсусан, ба даст овардани дурагаи байнинамудии пахта, ки тоҷи баргҳояш дар гулкунӣ шукуфта намешуданд, барои пешгирӣ намудани омехташавии навъҳо аҳамияти хеле калони илмию амалӣ дошт. Ин намунаҳои нодири ба дастовардаи пахта минбаъд дар қитъаҳои таҷрибавии Институти «Зироаткорӣ» дар вилояти Суғд парвариш ёфта, дар асоси ин намунаҳо навъи нави пахтаи «Истиқлол-20» ихтироъ шуд, ки ҳоло дар истеҳсолот ҷорӣ аст.

Баҳори соли 1984 директори Институти боғдорӣ, ангурпарварӣ ва сабзавоткории ҳамонвақта (баъдтар ин институт ба Иттиҳодияи илмӣ-истеҳсолии «Боғпарвар» табдил дода шуд) У.Эшонқулов ва Қ.Партоевро шодравон академик Акбар Нусратуллоевич Махсумов назди худ ҷеғ зада, маслиҳат дод, ки дар Тоҷикистон ҳоло олимони соҳаи пахтакорӣ хеле бисёранд, вале дар бахши картошкапарварӣ қариб ягон олим надорем. Минбаъд бояд картошкпарвариро дар мамлакат ривоҷ дода, ба масъалаи тухмипарварии маҳаллии картошка диққати ҷиддӣ додан зарур аст. Ҳамин тариқ, олими ҷавон Қурбоналӣ Партоев аз моҳи марти соли 1984 ба кори нав, ба тадқиқоти илмӣ дар бахши картошкапарварӣ, камари ҳиммат баст. Вай солҳои 1984-1991 аз бисёр мамлакатҳои олам намунаҳои гуногуни картошкаро ҷамъ оварда, яке аз калонтарин коллексияҳои калони илмии картошкаро, ки бештар аз 300 номгӯйро фаро мегирифт, ташкил намуд. Бояд зикр намуд, он солҳо ин коллексияи илмӣ дар Осиёи Миёна аз ҷумлаи калонтарин коллексияҳои илмии картошка ба шумор мерафт. Соли 1989 бо дархосту талоши вай ва дигар ҳамкоронаш дар назди Институти боғдорӣ, ангурпарварӣ ва сабзавоткории Вазорати кишоварзӣ аввалин маротиба шӯъбаи картошкапарварӣ таъсис шуд ва ӯро роҳбари он таъин намуданд.

Солҳои 1985-1992 дар пункти тадқиқотӣ-илмии воқеъ дар ноҳияи Ҷиргатол зери назорати олимони институт ҳар сол бештар аз ҳазор тонна тухмии аълосифати навъҳои картошка, ба монанди Лорх, Невский, Монолиза, Эстима, Гатчинский ва ғайра истеҳсол гашта, пешкаши хоҷагиҳои тухмипарварии ноҳия ва мамлакат гардонида мешуд. Бо шарофати чунин тухмиҳои аълосифат, деҳқонзан аз ноҳияи Ҷиргатол -Сайлӣ Раҳмонова дар майдони бештар аз 300 гектар картошказор ҳар сол 300-400 сентнерӣ ҳосил ба даст меовард. Меҳнати ҳалол ва сифати баланди тухмиҳои зери назорати олимон истеҳсолшуда ба ин деҳқонзани кӯҳистонӣ унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистиро насиб гардонид.

Солҳои 1984-1992 - олимони шӯъбаи картошкапарварӣ (зери роҳбарии Қ.Партоев, бо ҳамроҳии ҳамкоронаш - ходими калони илмӣ Бақо Каримов ва ходими илмӣ Маҳмаднодир Назаров) навъи аввалини картошкаи ватанӣ – «Заррина»-ро дар натиҷаи усули истифодабарии тухмакҳои ботаникӣ аз навъи Монолиза ба даст оварда, онро ба истеҳсолот тавсия доданд ва ин навъ ҳоло дар Файзобод, Ҷиргатол, Ғонҷӣ, Ховалинг, Роғун, Рашт, Кӯҳистони Мастчоҳ ва ғайра парвариш мешавад. Натиҷаҳои бадастовардаи илмии Қурбоналӣ Партоевро дар соҳаи селексияи пахта ва картошка соли 1990 Комиссияи умумииттифоқии аттестатсионии (ВАК)-и СССР бо дипломи Ходими калони илмӣ сазовор донист.

Кашмакашиҳои нобаҳангоми солҳои 1992-1997 боиси хеле коҳиш ёфтани кори илмӣ дар мамлакат гардид. Аз ҷумла, тамоми дастовардҳо ва навъу намунаҳои нодири картошка, ки то ин вақт ба даст оварда шуда буд, аз сабаби дурии роҳ имконияти ба ноҳияи Ҷиргатол мушкил гаштани сафар, несту нобуд гардид. Вале аз ин мушкилиҳо Қ.Партоев дилшикаста нашуд ва бо ҳар васила, то ҷое ки вақт имкон медод, кори илмӣ ва омӯзиши забони англисиро давом дод. Аз ин рӯ, вай муддати солҳои 1997 то соли 2002 ба ҳайси мутахассиси соҳаи кишоварзии Дафтари хадамоти лоиҳавии СММ дар водии Рашт кор даъват кард. Вай дар ин муддат бо ҳамроҳии мутахассисони хориҷӣ ва ватанӣ дар татбиқи лоиҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи водӣ фаъолият намуд. Дар ин ҷода, махсусан назарияи таъсис додани кумитаҳои рушди ҷамоатҳои деҳот дар водии Рашт яке аз аввалинҳо дар Барномаи тараққиёти СММ дар Тоҷикистон буд, ки яке аз муаллифони ин назария Қ.Партоев маҳсуб меёфт. Он солҳои вазнин дар водии Рашт мутахассисони Барномаи тараққиёти СММ бо кӯмаку дастгирии раисони ҳамонвақтаи ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Ҷиргатол, Тоҷикобод ва Тавилдара ва роҳбарони ҷамоатҳои деҳот дар ҳудуди 34 ҷамоати деҳоти водӣ кумитаҳои тараққиёти деҳотро таъсис доданд, ки онҳо имрӯз низ бомуваффақият фаъолият мекунанд.

